# РОҲНАМОИҲОИ СУРАИ ФОТИҲА

Китобхонаи Мероси Абуҳанифа

| | |
|---|---|
| **Унвон:** | **Роҳнамоиҳои сураи Фотиҳа** |
| **Мавзӯъ:** | Сураи Фотиҳа, мафҳуми истиъоза ва Бисмиллаҳ, мақсадҳои сура, фаҳми тавҳиди асмо ва сифоти илоҳӣ. |
| **Соли нашр:** | 1444 ҳ. қ., 2022 мелодӣ |
| **Теъдоди саҳифаҳо:** | 40 |
| **Манбаъ:** | Сайти Мероси Абуҳанифа |

Ин китоб аз сайти китобхонаи Мероси Абуҳанифа гирифта шуда ва аз тарафи ҳайати ҳамин китобхона таълиф шудааст.
**www.merosi-abuhanifa.com**

**Почтаи электронӣ: book@merosi-abuhanifa.com**

*Дар нашри маводҳои исломӣ саҳмгузор бошем. Чуноне, ки Паёмбари акрам саллаллаҳу алайҳи ва саллам мефармоянд:* ***“Аз ман ба дигарон бирасонед, ҳатто агар як оят ҳам бошад...”*** *(Бухорӣ, 3461)*

## Мундариҷа


Муқаддима ... 3

Аҳкоми истиъоза ... 4

Иршодоти истиъоза ... 6

Аҳкоми Бисмиллаҳ ... 8

Иршодоти Бисмиллаҳ ... 9

Сураи Фотиҳа ... 13

Номгузории сура ... 14

Фазоил ва хусусиятҳои сура ... 15

Баёни маккӣ ва маданӣ будани сура ... 17

Муҳимтарин мақсадҳои сура ... 17

Мавзӯъи оятҳои сура ... 18

Маънои мухтасари сура ... 18

Ояти 1-ум ... 19

Иршодоти оят ... 19

Ояти 2-юм ... 20

Иршодоти оят ... 20

Ояти 3-юм ... 22

Иршодоти оят ... 22

Ояти 4-ум ... 23

Иршодоти оят ... 23

Ояти 5-ум ... 24

Иршодоти оят ... 24

Ояти 6-ум ... 27

Иршодоти оят ... 27

Ояти 7-ум ... 28

Иршодоти оят ... 28

Фаҳми тавҳиди асмо ва сифоти Аллоҳ таъоло ... 30

Масъала: Тафовути номҳо аз сифоти Аллоҳ таъоло ... 35

Дарсҳои тарбиявӣ аз сураи Фотиҳа ... 36

Хулоса ... 39

Манбаъҳо ... 40

**Муқаддима**

Ҳамду ситоиш Аллоҳро, ки Парвардигори ҷаҳониён аст. Аллоҳ таъоло дар китоби худ чунин мефармояд:

قَدْ جَآءَكُم مِّنَ ٱللَّهِ نُورٌ وَكِتَٰبٌ مُّبِينٌ

**"Ба таҳқиқ, ки шуморо аз тарафи Аллоҳ нуре ва китоби равшане омад."** Дуруд ва салом бар ашрафи анбиё, Паёмбарамон Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ки фармудаанд:

خيركم من تعلم القرآن وعلمه

***"Беҳтарини шумо касе аст, ки Қуръонро биомӯзад ва онро ба дигарон таълим бидиҳад."*** Ҳамчунин Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд: ***"Аз ман ба дигарон бирасонед, ҳатто агар як оят ҳам бошад..."*** (Бухорӣ, 3461) Манзур аз таълифи ин китоб низ таҳқиқи фармудаҳои Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мебошанд ва ҳамчунин барои хидмат барои бародарони тоҷикзабон аст, то аз ин китоб истифодаи комил бубаранд.

Дар ин китоб аз равиши тарҷумаи маъноӣ ва тарҷумаи озод истифода шудааст ва ин равиши тарҷума бо баён кардани мафҳуми умумӣ ва манзури аслии оят ва ё маҷмуаи оятҳо мепардозад. Яъне дар ин равиши тарҷума назм ва тартиби ҷойгиршавии калима, ибора ва оятҳо ба инобат гирифта нашуда, балки танҳо мафҳуми умумии оят тарҷума карда мешавад, на лафзи он. Ба ибораи дигар, манзури муфассир ва мутарҷим дар ин равиш, расонидани паёми илоҳӣ ба хонанда мебошад, на тарҷумаи калимот ва лафзи оятҳо. Аз ин сабабҳо ин намуди тарҷумаро тарҷумаи мафҳумӣ ва ё озод мегӯянд.

Усуле, ки дар ин китоб истифода шудааст, ин аст, ки баъд аз тарҷумаи маъонии оятҳо, ба иршодоти онҳо пардохта шудааст, то барои хонанда оятҳои тарҷумашуда равшантар ва возеҳтар гарданд. Муаллиф бо истифодаи лафзи иршодот, танҳо роҳнамоиҳои мухтасарро дар назар надошта, балки оятҳо, ҳадисҳо ва суханони олимони муътабарро, ки аз ин сура ва оятҳо истинбот ва иҷтиҳод кардаанд, ворид кардааст. Яъне баъди мутолиаи оятҳо, на танҳо бо оятҳо ошноӣ пайдо мекунед, балки дар баъзе ҳолатҳо аз хулоса ва натиҷаи масъалаҳои шаръӣ аз дидгоҳи Қуръон

ва суннат баҳраманд мешавед. Дар ин замина барои хонандагон, китобҳои муътабари олимони Аҳли суннат ва ҷамоъат истифода шудаанд. Манбаъҳое, ки дар ин китоб аз онҳо истифода шудааст, дар охири китоб низ ба таври муфассал навишта шудаанд.

**Аҳкоми истиъоза**

Истиъоза таъбири қуръониест, ки маънои паноҳ бурдан ба Аллоҳ аз ҳар навъ шарру бадӣ ва аз васвасаҳои шайтониро ифода менамояд. Ин таъбир дар фарҳанги исломӣ, ба хусус дар омӯзишҳои қуръонӣ, дуъо ва ибодатест[1], ки инсон ба воситаи он худро дар паноҳи амни Аллоҳ қарор медиҳад ва ҳар гуна зиён ва васвасаҳои аён ё ноаёнро аз худ дур месозад. Истиъоза ин гуфтани ***"Аъузу биллоҳи минаш-шайтонир-раҷим"*** мебошад, ки дар ибтидои тиловати Қуръон, дар ибтидои намоз ва барои ҳар кор ва ҷое гуфта мешавад, ки инсон ба гунае дар зери таъсири васвасаҳо ва газандҳои шайтон қарор гирад. Аллоҳ таъоло мефармояд:

**فإذا قَرَأتَ القُرآنَ فَاستَعِذ بِاللَّهِ مِنَ الشَّيطانِ الرَّجيمِ**

**"Ҳангоме, ки Қуръон мехонӣ, аз шайтони рондашуда ба Аллоҳ паноҳ биҷӯй!"** (Наҳл, 98) Дар сураи Аъроф ва Фуссилат низ Аллоҳ таъоло чунин мефармояд:

**وَإِمّا يَنزَغَنَّكَ مِنَ الشَّيطانِ نَزغٌ فَاستَعِذ بِاللَّهِ إِنَّهُ سَميعٌ عَليمٌ**

**"Агар ба ту аз сӯи шайтон васваса, газанд ва ё таъсире расад, пас аз вай ба Аллоҳ паноҳ биҷӯй, дар воқеъ Аллоҳ шунаво ва доност!"** (Аъроф, 200 ва Фуссилат 36) Шайтон касест, ки аз корҳои хайр саркашӣ мекунад ва туро низ аз корҳои хайр ва хуб боз медорад ва раҷим бошад маънои рондашуда аз раҳмати илоҳиро дорад.

Аллоҳ таъоло дар муқобили душмани ҷиннӣ ва газанду васвасаи шайтон инсонро ба паноҳ ҷустан ба худ амр менамояд, зеро онҳо ҳеҷ гуна бархӯрди нек ва созишеро намепазиранд. Истиъоза ба маънои васеаш як амри ғаризӣ ва асли фитриест, ки дар вуҷуди инсон бархостааст. Инсон ҳангоми мувоҷеҳ шудан бо

[1] Манзур аз ибодат, тамоми гуфтор ва кирдорест, ки Аллоҳ таъоло онҳоро дӯст дорад.

хатарҳо ва дар лаҳзаҳои заъф ва осебпазирии худ, мекӯшад то бо паноҳ ҷустан ба як нерӯи бартар ба оромиш даст ёбад, ки он ҳам гуфтани истиъоза мебошад. Қуръони карим бо нузули аввалин сураҳои маккӣ Нос ва Фалақ ба баёни истиъозаи ҳақиқӣ ва паноҳ бурдан ба Аллоҳ пардохт ва тафаккури даврони ҷоҳилиро, ки истиъоза ба ҷинну шайтон ва таслимпазирӣ дар баробари нерӯҳои бадиро ривоҷ медод, аз миён бурд. Корбурди истиъоза ва ҳимоя бурдан ба паноҳи амни илоҳӣ дар омӯзаҳои қуръонӣ хусусияти эҷоди нигаҳдории рӯҳӣ, ба вуҷуд овардани таодули равонӣ, тазкия ва ё поксозии ботинӣ ва ба тамоми маъно хосияти дафъи зарарро дорад. Ба ибораи дигар, Ислом бо тавсия ба корбурди истиъоза дар ибтидои ҳар коре мехоҳад, пеш аз ҳама, нафс ва замири инсонро аз пасмондаҳои бади равонӣ, сифатҳои номутаодили мизоҷӣ ва изтироботи ботинӣ пок ва эмин гардонад ва бо ҳидояти ӯ ба паноҳи амни Аллоҳ таъоло заминаи боэътимоди иқдоми амалиро барояш фароҳам оварад. Вале Қуръони карим дар 3-оят моро дар баробари душманони инсӣ ба некиву эҳсон, ба гузашту созиш ва ба дилёбӣ амр менамояд ва мегӯяд, ки некӣ метавонад душманро ба дӯст табдил диҳад. Дар ояти аввал мефармояд: **"Авфро пеша кун, ба некӣ амр намо ва аз нодонон рӯй бартоб ва агар аз ҷониби шайтон ба ту васваса ва газанде расад, пас ба Аллоҳ паноҳ бубар, ки Ӯ воқеан ҳам шунаво ва ҳам доност!"** (Аъроф, 199-200) Дар ояти дигар мефармояд: **"Бадиро бо беҳтарин равиш баргардон! Мо баончи васф мекунанд, огоҳтарем ва бигӯ: "Парвардигоро, аз васваса ва бадиҳои шайтонҳо ба Ту паноҳ мебарам ва ба Ту паноҳ мебарам аз ин ки ба ман наздик шаванд.""** (Мӯъминун, 96-98) Дар мавриди сеюм Аллоҳ таъоло мефармояд: **"Хубиву бадӣ бо ҳам баробар нестанд, дар баробари бадӣ аксуламали хуб нишон бидеҳ ва ҷавоби хубиро бо равиши аз ҳама беҳтар бозгардон, ки дар натиҷа он шахсе, ки адоват байни ӯ ва ту вуҷуд дошт, ба дӯстӣ табдил хоҳад шуд. Ин неъмат дода намешавад, магар барои касоне, ки сабр намудаанд ва касоне, ки соҳиби нафъ ва суди бузург мебошанд. Агар аз ҷониби шайтон газанд ва васвасае ба ту расад, пас ба Аллоҳ паноҳ бубар, ки Ӯ воқеан ҳам шунаво ва ҳам доност!"** (Фуссилат, 34-36)

Бо таваҷҷӯҳ ба мавридҳои гуногуне, ки истиъоза дар Қуръони маҷид аз сӯи Паёмбарони пешин ба кор рафтааст ва ба он таъбире, ки дар ибтидои ду сураи

муъаввизатайн (сураҳои Фалақ ва Нос) ба Паёмбари акрам алайҳиссалом хитоб шудааст, бармеояд, ки истиъоза ва паноҳ бурдан ба ҳимояи Аллоҳ дар таълимоти исломӣ барномаи комиле барои эҷоди ҳифзи равонӣ ва ҳифзи таодули ботинии инсон ба шумор меравад, ки барои пешгирӣ аз ҳар гуна пешомадҳои ногувори равонӣ ва ҷисмонӣ пешбинӣ шудааст.

**Иршодоти истиъоза**

1. Дар ояти 98-уми сураи Наҳл истиъоза ба унвони нахустин одоби тиловати Қуръон мавриди таъкид қарор гирифтааст ва аз назари ҷумҳури (аксари) уламои Ислом истиъоза пеш аз тиловати Қуръон, ҳам дар намоз ва ҳам дар ғайри он, мустаҳаб дониста шудааст, аммо Ибни Ҷарири Табарӣ ва Ибни Касир раҳимаҳумуллоҳ бар ин назаранд, ки ин амр қавли аксари уламо набуда, балки қавли иҷмоъи уламо, яъне ҳамаи олимон мебошад. Машҳуртарин ибораи истиъоза ***"Аъузу биллоҳи минаш-шайтонир-раҷим"*** мебошад, ки бо назми ибораи қуръонӣ дар ояти 98-уми сураи Наҳл ҳамсозии комил дорад ва ин ибора дар шариъат бо лафзи ***"таъаввуз"*** номгузорӣ шудааст. Бинобар ин ҷумҳури уламо дар таъаввуз ҳамин лафзро ихтиёр кардаанд ва ин ибора ҳарчанд бо назми ибораи қуръонӣ ҳамсозӣ дорад, вале ҷузъи оятҳои Қуръон ба шумор намеравад.

2. Дар ривоятҳои суннат омадааст, ки Паёмбар алайҳиссалом вақте ба намози шаб мехестанд, пас аз дуъои истифтоҳ ***"Аъузу биллоҳис-самиъил-ъалим минаш-шайтонир-раҷим мин ҳамзиҳи[2] ва нафхиҳи[3] ва нафсиҳӣ[4]"*** мегуфтанд." Ибни Мунзир мегӯяд, бинобар ривояти Ибни Масъуд Паёмбар алайҳиссалом пеш аз қироат ***"Аъузу биллоҳи минаш-шайтонир-раҷим"*** мегуфтаанд.

3. Бар асоси таълимоти Ислом, вақте инсонро хашм, ошуфтагии равонӣ ва ё вазъи беҷое фаро гирад, пас ӯ дар ин ҳолатҳо ба гуфтани истиъоза ва паноҳ ҷустан ба Аллоҳ амр шудааст. Ривоят шудааст, ки ду мард дар назди Паёмбар алайҳиссалом дашномдиҳӣ карданд, ки чеҳраи яке аз онҳо сурх шуд ва рагҳои гарданаш варам карданд. Паёмбар алайҳиссалом фармуданд***: "Ман ҷумлаеро медонам, ки агар ӯ***

[2] Ҳамз ба маънои васвасаафканӣ аст ва ба маънои девонагӣ низ меояд.
[3] Нафх ба маънои такаббур ва ё ба кибр кашонидан аст.
[4] Нафс ба маънои берохӣ ва берох кардан аст.

***онро бигӯяд, ин ҳолаташ дур мешавад, яъне хашмаш фурӯ менишинад. Ин ҷумла гуфтани "Аъузу биллоҳи минаш шайтонир раҷим" аст. Ба ӯ гуфтанд: Паёмбар алайҳиссалом мефармояд: "Ба Аллоҳ аз шайтон паноҳ бубар…"*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 3282)

4. Шахс вақте ба бистари хоб меравад ва ҳангоме аз газанди ҷинну шайтон ва дигар мавҷудоти аён ва ноаён эҳсоси хатар мекунад ва ё аз таъсири чашми баде метарсад, пас дар ин ҳолатҳо ба хондани дуъоҳо ва ба хондани сураҳои Фалақ, Нос ва сураи Ихлос, ки ин 3-сураро дар шариъат муъаввизот мегӯянд, тавсия ва амр шудааст. Ривоят шудааст, ки Паёмбар алайҳиссалом ҳангоме, ки ба бистари хоб мерафтанд ду дасти худро ҷамъ намуда, сураҳои Ихлос ва Муъаввизатайнро (сураҳои Фалақ ва Носро) 3-маротиба мехонданд, бар дастҳои худ медамиданд ва дастони худро бар бадани худ мемолиданд. Оиша модари мӯъминон Аллоҳ таъоло аз ӯ розӣ бод мегӯяд: ***"Вақте беморие Паёмбар саллаллаҳу алайҳи ва саллам шиддат гирифт, ман онҳоро хонда барои баракат ба дасти худашон медамидам ва онро бар баданашон мемолидам."*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 5016) Ин ду сура ҷомеътарин омӯзаҳоро дар бораи моҳияти истиъоза ва паноҳ ҷустан ба Аллоҳ фаро гирифта ва бо сабаби он ки инсон бо хондани ин сураҳо ба Аллоҳ паноҳ мебарад, бо номи муъаввизатайн – ***ду паноҳдиҳанда*** – номгузорӣ шудаанд.

5. Истиъоза ва дигар оятҳое, ки бар паноҳ бурдан бар Аллоҳ далолат мекунанд, дар 17-маврид дар Қуръони карим ба кор рафтаанд. Ин маъно ва ё барномаи равонӣ дар мавридҳое бо таъбироти дигари қуръонӣ, ба монанди истиҷора[5], истиғоса[6] ва ғайра ифода ёфта ва бо таълимоти набавӣ дар ин замина такмил шудааст.

6. Қуръони карим дар ояти 47-уми сураи Ҳуд аз забони Нӯҳ алайҳиссалом ҳикоят мекунад, ки ӯ фармуд: **"Ман ба Ту аз он паноҳ мебарам, ки Туро дар бораи чизе бипурсам, ки нисбат ба он илме надорам…"** Дар ояти 27-уми сураи Ғофир аз забони Мусо алайҳиссалом мефармояд, ки ӯ гуфт: **"Ман ба Парвардигори худ ва Парвардигори шумо аз ҳар мутакаббире, ки ба рӯзи ҳисоб имон надорад, паноҳ бурдам."** Вақте ҳамсари азизи Миср Юсуф алайҳиссаломро барои комҷӯӣ ба сӯи

[5] Истиҷора ин яъне маънои паноҳталабӣ кардан, маъво ва паноҳгоҳ ҷустанро баён мекунад.
[6] Истиғоса маънои талаби мадад ҷустан, кӯмак хостанро ифода менамояд.

худ даъват кард, ҳазрати Юсуф алайҳиссалом фармуд: **"Маъозаллоҳ (паноҳ ба Аллоҳ)..."** (Юсуф, 23)

7. Истиъоза ва талаби паноҳ бурдан ба Аллоҳ дар омӯзаҳои исломӣ корбурди васеъ дорад ва он аз ҷиҳати эътиқодӣ яке аз шохаҳои рукни истиъонат[7] аст, ки дар сураи Фотиҳа баён мегардад ва аз назари корбурди амалӣ асли амнияти равонӣ ба шумор меравад. Бинобар ин, ба ҳамон андозае, ки истиъоза барои бузургсолон аҳамияти амниятӣ ва зарурати шаръӣ ва эътиқодӣ дорад, таъвиз ва ба паноҳи Аллоҳ супоридани кӯдакон ва хурдсолон низ дорои аҳамияте хосест. Дар ривояти дигар омадааст, ки Расули акрам алайҳиссалом наберагонаш Ҳасан ва Ҳусайнро бо ин дуъо ***«Уъизукумо бикалимотиллоҳит-томмаҳ мин кулли шайтонин ва ҳоммаҳ ва мин кулли ъайнин ломмаҳ»*** ба паноҳи Аллоҳ месупорид ва мегуфт: ***"Падаратон Иброҳим фарзандонаш Исмоил ва Исҳоқро бо ҳамин калимаҳо таъвиз мекард."*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 3371, Сунани Абӯдовуд, 4737)

**Аҳкоми Бисмиллаҳ**

Шариъат пас аз эҷоди заминаи аҳкоми истиъоза бо эътимод дар нафси инсон, ӯро бо гуфтани ***"Бисмиллаҳир раҳмонир раҳим...»***, ки барои ҷалби манфиат ва оғози хайру баракат аст, иршод менамояд. Фармудаи Аллоҳ таъоло аст:

**إِنَّهُ مِن سُلَيمانَ وَإِنَّهُ بِسمِ اللَّهِ الرَّحمنِ الرَّحيمِ**

**"Ҳамоно ин нома аз Сулаймон аст ва сароғози он чунин аст: "Ба номи Аллоҳи бахшояндаи меҳрубон.""** (Намл, 30)

***Бисмиллаҳ***, яъне оғоз мекунам бо талаби кумак аз тамоми номҳои Аллоҳи муттаъол, зеро калимаи **اسم**, ки дар инҷо зикр шудааст, муфрад ва иловашуда буда, бинобар ин тамоми номҳои зебои Аллоҳро шомил мешавад. Аллоҳ ба маънои зотест, ки ба Ӯ ибодат карда мешавад ва аз онҷо, ки Парвардигор сифатҳои улуҳиятро доро мебошад, ки сифатҳои камол ҳастанд, сазовор аст, ки танҳо Ӯ парастиш шавад.

**بسم الله الرحمن الرحيم**

---

[7] Истиъонат ин эътимод ва боварӣ бар Аллоҳ дар бадаст овардани тамоми хубиҳо ва дур кардани ҳамаи бадиҳост.

***"Раҳмонир раҳим"*** - ду исм аз исмҳои муборaки Аллоҳ мебошанд ва баёнгари онанд, ки Ӯ таъоло дорои азамат ва раҳмати густардаест, ки ҳар чиз ва ҳар мавҷуди зиндаеро дар бар мегирад ва Аллоҳ бандагони парҳезгорашро, ки аз Паёмбаронаш пайравӣ мекунанд, аз он бархӯрдор месозад. Пас раҳмати илоҳӣ шомили ҳоли ин даста аз инсонҳост ва дигарон танҳо баҳрае аз онро доранд.

Бидон ки яке аз қоидаҳое, ки салаф ва пешвоёни ин уммат бар он иттифоқ доранд, имон ба исмҳо ва сифатҳои илоҳӣ ва аҳкоми мутааллиқ ба сифатҳо мебошад. Ба таври мисол онҳо боварӣ доштанд, ки Аллоҳи ***"Раҳмон"*** ва ***"Раҳим"*** бахшанда ва меҳрубон аст ва дорои раҳматест, ки ба онҳо васфшуда аст. Бинобар ин ҳамаи баракатҳо ва неъматҳо асаре аз осори раҳмати Ӯ мебошанд ва салаф ва пешвоёни ин уммат дар робита бо дигар исмҳои илоҳӣ низ чунин эътиқод доштанд. Масалан онҳо боварӣ доштанд, ки عليم (Алим) ба маънии доно ва дорои илм аст ва ҳар чизеро медонад ва قدير (Қадир) Аллоҳе, ки дорои тавоноӣ аст ва бар ҳар чизе қудрат дорад.

**Иршодоти Бисмиллаҳ**

1. Қуръони карим ҳам дар навишти мусҳафҳо ва ҳам дар нузули оятҳо бо ҷумлаи ***Бисмиллаҳир раҳмонир раҳим*** оғоз шудааст.

2. Калимаи ***"Бисмиллаҳ"*** аз се қисмат иборат аст:

а) ***"Би"***, ки дар забони тоҷикӣ лафзи ***"ба"***-ро маънидод мекунад.

б) ***"Исм"*** маънои ***"ном"***-ро дорад.

в) Қисмати севвум, ки лафзи ***"Аллоҳ"*** мебошад.

Албатта лафзи "Аллоҳ" бузургтарин ва ҷомеътарини номҳои Аллоҳи мутаъол буда ва бандаи мӯъмин бояд корҳои муҳимми худро бо гуфтани ***Бисмиллаҳ*** оғоз намояд.

3. Оғоз ба номи Парвардигори меҳрубон дар шакли дигаре дар аввалин оятҳое, ки аз сӯи Аллоҳ бар Паёмбари акрам алайҳиссалом фурӯ фиристода шудаанд, баён гардидааст. Уламои Ислом иттифоқи назар доранд, ки Аллоҳ дар ояти аввали сураи муборакаи Алақ оғоз намудан ба номи Аллоҳ бар Паёмбараш алайҳиссаломро ваҳй

кардааст ва ба ӯ тавсия менамояд, ки хонданро бо номи Аллоҳ шурӯъ намояд. Аллоҳ таъоло мефармояд:

إقرأ باسم ربك

**"Бихон ба номи Парвардигорат..."** (Алақ, 1)

4. Дар фармудаи Аллоҳ таъоло:

هُوَ الأَوَّلُ وَالآخِرُ وَالظَّاهِرُ وَالباطِنُ وَهُوَ بِكُلِّ شَيءٍ عَليمٌ

**"Аллоҳ зотест аввалин пеш аз ҳама чиз, зотест охирин баъд аз ҳама чиз, зотест ошкор ва пайдост, ки болотар аз Ӯ чизе нест, зотест пинҳон ва нопайдост, ки пинҳонтар аз Ӯ чизе нест ва Ӯ ба ҳама чиз доност ва чизе дар осмон ва замин бар Ӯ пӯшида намемонад!"** (Ҳадид, 3) Ин маъно бо асли бузурге дар ҷаҳонбинии исломӣ низ созгор мебошад, ки бар пояи ин оят бино ёфтааст. Ба ибораи дигар, вақте Аллоҳ аввал ва пеш аз ҳама бошад, пас хуб аст, мояи баракат аст ва ҳатто зарур аст, ки тамоми корҳо бо зикри номи Ӯ оғоз шаванд.

5. ***“Бисмиллаҳир раҳмонир раҳим”*** ояте аз Қуръон мебошад, ки барои муайян намудани фосилаи байни сураҳои Қуръон нозил гардидааст. Вақте ин оят ба Паёмбар алайҳиссалом нозил мешуд, ишора ба он дошт, ки сураи пешин ба поён расида, сураи нав оғоз гардидааст ва гоҳо чунин ҳам мешуд, ки ҳанӯз бахшҳое аз сураи пешин ба поён нарасида, сураи нав оғоз мегашт ва нузули ***Бисмиллаҳир раҳмонир раҳим*** фосилаи миёни онҳоро муайян месохт.

6. ***"Бисмиллаҳир раҳмонир раҳим"*** дар Қуръони карим ҳамагӣ 114-маротиба зикр шудааст, ки 113-маротиба дар ибтидои сураҳо ва 1-маротибаи дигар дар оғози номаи Сулаймон алайҳиссалом ба маликаи Сабаъ, ки ояти 27-уми сураи Наҳл мебошад, ба таври комил зикр гардидааст. Сураи Тавба дар Қуръони карим ягона сураест, ки бе ***"Бисмиллаҳир раҳмонир раҳим"*** оғоз шудааст.

7. Дар таълимоти исломӣ бо зикри номи Аллоҳ бо гуфтани ***"Бисмиллаҳ"*** дар оғози ҳар коре, ба ҷуз корҳое, ки аз назари шаръӣ барои мӯъмин манъ шудаанд ва ё макрӯҳанд, таъкиди бисёр шудааст, зеро гуфтани ***"Бисмиллаҳ"*** оғози хайру баракат ва мояи ҷалби раҳмат ва ёрии Аллоҳ таъоло дар он кор мебошад.

8. Тавсияҳои умумие дар суннати Паёмбари акрам алайҳиссалом нисбат ба гуфтани танҳо ***"Бисмиллаҳ"*** ворид гаштаанд, ки аз ҷумла мавридҳои зеринро метавон мисол овард. Пеш аз хӯрок хӯрдан ва нӯшидан, ҳангоми забҳ намудани ҳайвон, ҳангоми дар савора нишастан, ҳангоми ба бистари хоб рафтан, пеш аз ҳамбистарӣ ва ғайра.

9. Навиштани ***Бисмиллаҳир раҳмонир раҳим*** тақрибан дар оғози ҳамаи навиштаҳо бо пайравӣ аз суннати Паёмбар алайҳиссалом паҳн гашта ва ҷузъе аз расму одатҳои мардум гаштааст.

10. Дар шариъат гуфтани ***"Бисмиллаҳ"*** ба сурати шиори мусалмонон ва нишонаи дини Ислом ворид шуда ва дар тамоми фарозу нишеби зиндагӣ вирди забони мусалмонон мебошад.

11. Дар фарҳанги исломӣ, ба хусус дар истилоҳи уламои фиқҳ ва тафсир, агар лафзи ***"Тасмия"*** гуфта шавад, пас манзур ***"Бисмиллаҳ"*** аст, ки бештар бо лафзи ***"Басмала"*** машҳур аст, аммо бар асоси таълимоти суннати набавӣ ба гуфтани ***"Бисмиллаҳ"*** тавсия карда мешавад.

12. Калимаи ***"басмала"*** аслаш аз масдарҳои сохташуда буда, аз ибораи ***«Бисмилло...»*** гирифта шудааст ва ба маънои ***«Бисмиллаҳ...»*** гуфтан аст. Дар риштаи забоншиносии забони арабӣ аз маҷмӯъи ягон ибора ва ё ҷумла масдаре ба ин вазн сохта мешавад, ки ба он масдари манҳут ва ё ба тариқи нахт (тарошидан) мегӯянд, ба монанди ***«ҳавқала»***, ки аз ибораи ***«ло ҳавла ва ло қуввата»*** ва ***«ҳамдала»*** аз ибораи ***«Алҳамду лиллоҳ»*** гирифта шудаанд ва амсоли инҳо.

13. Ду калимаи охири он аз решаи ***«раҳмат»*** гирифта шудаанд. Соҳибони бисёре аз тафсирҳо навиштаанд, ки сифати ***«Раҳмон»*** танҳо хоси Аллоҳ мебошад[8] ва маънои он ***«дорои раҳмати ҷомеъу комил»*** аст, вале ***«раҳим»*** метавонад ба банда (инсон) ҳам нисбат дода шавад. Масалан, Аллоҳ таъоло дар Қуръон ин сифат (ё хислати раҳимиро) ба Паёмбари акрам алайҳиссалом нисбат дода мефармояд: **«Паёмбар бар мӯъминон бисёр дилсӯз ва ниҳоят меҳрубон аст.»** (Тавба,128) Аллоҳ таъоло дар ин оят сифатҳо ва дилбастагии шадиди Расули акрам алайҳиссаломро нисбат ба

[8] Бинобар ин, калимаи ***"Раҳмон"*** – ро бидуни ҳеч изофае ҳамчун номи инсон қарор додан ҷоиз нест, вале ба сурати Абдурраҳмон (яъне бандаи Аллоҳ) мумкин мебошад.

мўъминон баён мефармояд. Дар ин оят раҳим сифати Расули акрам алайҳиссалом қарор гирифтааст ва сифати Раҳмон бошад, танҳо хоси Аллоҳи мутаъол мебошад.

14. Ҳар коре ва ҳар чизе оғоз ва поёне дорад ва оғози он бисёр боаҳамият аст. Дар сиришти ҳар инсон ин эҳсос ва ғариза вуҷуд дорад, ки дар шурўи ҳар коре худро аз назари рўҳӣ ва маънавӣ омода созад ва барои он ҷўёи имдод ва ёрӣ мегардад. Бо андак мутолиа метавон дарёфт, ки ин эҳсоси рўҳӣ дар ботини ҳамаи инсонҳо, чи мусалмон ва чи ғайримусалмон вуҷуд дорад, ин ҷост, ки мардум бо вуҷуди он ки дар шурўи кор ***«Бисмиллаҳ»*** мегўянд, боз иловатан ҷумлаҳо ва калимаҳоеро, ба монанди ***«Эй Аллоҳ, мадад»***, ***«Ният ба кори хайру лаънат ба кори шайтон»*** низ мегўянд, ки нишондиҳандаи ҳамин ниёзи хос ва хостаҳои фитрии инсон аст. Аллоҳи мутаъол дар Қуръони маҷид чандин бор бар зарурати шурўи корҳо бо ***«Бисмиллаҳ»*** таъкид фармудааст.

15. Лафзи ***«Бисмиллаҳ»*** ҷомеътарин ва дар айни ҳол мухтасартарин муқаддимае мебошад, ки барои табаррук, барои некӣ хостан, барои таваккул намудан, барои баёни ихлос ва ёрӣ хостан дар оғози ҳар коре гуфта мешавад.

16. Дар ибтидои корҳо ***«Бисмиллаҳ»*** гуфтан нишонаи баёни ихлос ва шинохти азамати Аллоҳ таъолоро дорад. Мўъмини воқеъӣ касест, ки ҳама корҳояш ба номи Аллоҳ ва барои Аллоҳ бошанд ва як дам аз ёди Ӯ таъоло ғофил набошад. Вақте корҳои ӯ ба номи Аллоҳ ва бо ёди Аллоҳ бошанд, пас тамоми корҳои ӯ ҳамчун ибодат пазирӯфта мешаванд. Масалан, вақте шахси мусалмон дар шурўи таъом хўрдан ***«Бисмиллаҳ»*** мегўяд, он чунин маъно дорад, ки ғизоеро, ки барои қуввату нерў гирифтан истеъмол намудааст, ба хотири он аст, ки нерўи бадастомада аз он ғизоро дар анҷоми корҳои нек сарф менамояд ва дар айни ҳол бо баёни ин ҷумла одоби бандагӣ ва таъзими мақоми бузургии Аллоҳ таъолоро ба ҷой овардааст, зеро ҳама неъматҳои ҷаҳон аз они Аллоҳ таъоло мебошанд.

17. Шинохти азамати Аллоҳ таъоло инсонро ҳамсайр ва ҳамсўи тамоми воситаҳои ҳосил ва расонандагони неъматҳои илоҳӣ мегардонад, ки дар эҷоди он тамоми нерўҳои табиат ва инсонҳо саҳм доранд ва ҳамагӣ мутеъ ва тобеи хости илоҳӣ мебошанд.

18. Дар ибтидои корҳо ***«Бисмиллаҳ»*** гуфтан сабаби баракат ҷустан ва накӯӣ хостан аст. Ин ҳам як ангезаи фитрӣ ва майли ботинии инсон аст, ки дар оғози ҳар амале мехоҳад онро бо баракат ва некӣ ороста созад ва яке аз роҳҳои он иртибот додани кор ва ё чизи мавриди назар бо номи Аллоҳи муттаъол мебошад, зеро номи Ӯ таъоло мояи баракат дар кори инсон ва боиси оромиши рӯҳии шахс мешавад.

19. Дар аҳодиси Расулуллоҳ саллаллаҳу алайҳи ва саллам ба чунин тавсияҳое бисёр бармехӯрем, аз он ҷумла, ки мефармоянд: ***«(Шабона) даратро бибанд ва номи Аллоҳро бар он ёд кун, чароғатро хомӯш соз ва бар он номи Аллоҳро ёд кун, сари зарфҳоятро бипӯш ва бар он номи Аллоҳро ёд кун ва даҳони машкҳоятро бибанд ва бар он номи Аллоҳро ёд кун.»*** (Сунани Абӯдовуд, 3731) Ин иршод ва роҳнамоиҳои Паёмбар алайҳиссалом дар ибтидои корҳо, гуфтани ***«Бисмиллаҳ»*** ва таваккул кардан бар Аллоҳ таъолоро мефаҳмонад, зеро сарфи назар аз он ки инсон асбобу васоил ва лавозими ҳар кореро ба тамому камол омода сохта бошад ҳам, боз дар замири худ ҳамеша эҳсос менамояд, ки ба як ҳомӣ, роҳнамо ва пуштибони нерӯманди мутлақе ниёз дорад, ки битавонад фарҷоми некеро барои он кораш фароҳам оварад. Бо ёди Аллоҳ ва бо гуфтани ***«Бисмиллаҳ»*** инсон дар ин лаҳзаҳои ҳассос худро ба ёрӣ ва роҳнамоӣ мехонад. Шахсе, ки ба Аллоҳ имон дорад, дар чунин лаҳзаҳо танҳо бо ёду номи Аллоҳ оромиши қалбӣ ва итминони хотир пайдо мекунад ва бовар дорад, ки пас аз зикри номи Аллоҳ он кораш хотимаи неке хоҳад дошт. Зеро ӯ дар он лаҳзаи ҳассос ба бахшандагӣ (раҳмоният) ва меҳрубонии (раҳимияти) Аллоҳ умед бастааст, яъне банда танҳо ризо ва хости Парвардигори худро меъёр ва мелоки дурустӣ ва судмандии кори худ медонад ва растагории худро дар ризои Ӯ меҷӯяд. Бо назар ба ин баёни мухтасари асрор ва ҳикматҳои ***«Бисмиллаҳ»*** метавон гуфт, ки ин маъонӣ ба сурати бисёр табиӣ дар сураи ***«Фотиҳа»***, ки аввалин сураи Қуръони карим аст, идома меёбанд.

**Сураи Фотиҳа**

Сураи Фотиҳа 1-умин сураи Қуръон буда, маккӣ ва дорои 7-оят аст.

بِسْمِ اللهِ الرَّحْمَنِ الرَّحِيمِ﴿١﴾ الْحَمْدُ للهِ رَبِّ الْعَالَمِينَ ﴿٢﴾ الرَّحْمنِ الرَّحِيمِ ﴿٣﴾ مَلِكِ يَوْمِ الدِّينِ﴿٤﴾ إِيَّاكَ نَعْبُدُ وإِيَّاكَ نَسْتَعِينُ ﴿٥﴾ اهدِنَا الصِّرَاطَ المُستَقِيمَ ﴿٦﴾ صِرَاطَ الَّذِينَ أَنعَمتَ عَلَيهِمْ غَيرِ المَغضُوبِ عَلَيهِمْ وَلاَ الضَّالِّينَ﴿٧﴾

**“Ба номи Аллоҳи бениҳоят бахшанда ва меҳрубон. (1) Сипос махсуси Аллоҳ таъоло, ки Парвардигори ҷаҳониён аст. (2) Бахшандаи меҳрубон аст. (3) Молики рӯзи ҷазост. (4) Парвардигоро, танҳо Туро мепарастем ва танҳо аз Ту ёрӣ меҷӯем. (5) Моро ба роҳи рост ҳидоят фармо [ва ҳамвора собитқадам бигардон]. (6) Роҳи касоне, ки бар онҳо инъом кардаӣ (яъне Пайғамбарон, сиддиқон, шаҳидон ва солеҳон) на касоне, ки бар онҳо хашм гирифтаӣ (яъне яҳудиён) ва на гумроҳон (яъне насрониён).” (7)**

**Номгузории сура**

Барои ин сура чандин ном собит шудааст, аз он ҷумла:

1. ***Фотиҳатул-китоб ё Фотиҳа***, ки ба маънои оғоз ва ибтидо аст, зеро сураи Фотиҳа дар навишти мусҳафҳо дар ибтидои Қуръон воқеъ шудааст ва намоз ҳам, ки муҳимтарин рукни Ислом мебошад, бо тиловати он оғоз мегардад ва аз ин рӯ, ин сураро Фотиҳа номидаанд. Далели ин номгузорӣ фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст, ки гуфтаанд:

لا صَلاةَ لِمَن لَمْ يَقْرَأْ بفاتِحَةِ الكِتابِ

**"Намоз, намоз нест, магар бо хондани сураи Фотиҳа."** (Саҳеҳи Бухорӣ, 756)

2. ***Уммул-китоб.*** Далели ин номгузорӣ фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст, ки гуфтаанд:

كلُّ صلاةٍ لا يُقرَأُ فيها بأمِّ الكتابِ، فَهيَ خِداجٌ

**"Ҳар намозе, ки дар он сураи Уммул-китоб хонда нашавад, он намоз ноқис ва нокомил аст."** (Саҳеҳи Ибни Моҷа, 692)

3. Номи дигари он ***"Уммул-Қуръон"*** аст, яъне асоси Қуръон, ки бо номи ***"Уммул-китоб"*** низ машҳур аст.

4. ***Сабъал-масоний.***

5. ***Қуръонил-ъазим.*** Далели ин номгузориҳои зикршуда фармудаи Паёмбар саллаллаҳу алайҳи ва саллам мебошанд, ки чунин фармудаанд:

**أُمُّ الْقُرْآنِ هي السَّبْعُ المَثانِي والقُرْآنُ العَظِيمُ**

***"Уммул-Қуръон, он ҳафт ояте мебошанд, ки васф ва таъриф шудаанд ва он Қуръонил-ъазим мебошад."*** (Саҳеҳи Ҷомеъ, 1394) Лафзи ***"Масонӣ"*** ба он хотир гуфта мешавад, ки ин сура дар ҳар ракаати намоз қироат карда мешавад.

6. Номи дигари ин сура ***«Ҳамд»*** аст, зеро бо калимаи ҳамд оғоз гардидааст.

7. Номи дигари он ***«Салот»*** мебошад, зеро дар ҳадиси қудсие ин сура бо ин ном ёд шудааст.

**Фазоил ва хусусиятҳои сура**

1. Сураи Фотиҳа бузургтарин сураи Қуръон аст. Паёмбар саллаллаҳу алайҳи ва саллам гуфтанд: ***"Сураи Фотиҳа - бузургтарин сураи Қуръон аст."*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 4703)

2. Он нурест, ки ба касе аз анбиёҳои пешин дода нашудааст. Паёмбар алайҳиссалом фармудааст: ***"Мужда ба ду нуре, ки дода шудаед, ки онҳо ба касе аз анбиёҳои пешин дода нашудаанд. Инҳо Фотиҳатул-китоб ва хотимаи сураи Бақара мебошанд, ки агар касе ин дуро бихонад, пас аз ӯ қабул карда мешавад."*** (Саҳеҳи Муслим, 806)

3. Хондани ин сура дар намоз дар ҳақиқат муноҷот байни банда ва Аллоҳ таъолост. Дар ҳадиси саҳеҳе аз Паёмбар алайҳиссалом ривоят шудааст, ки фармудаанд: ***"Аллоҳи бузургу бартар гуфт: "Намозро (яъне сураи Фотиҳаро) дар миёни худ ва бандаам ду тақсим (-и баробар) намудам ва бандаам ҳарчи бихоҳад, барояш ато шавад. Вақте банда бигӯяд: "Ҳамду ситоиш хоси Аллоҳе, ки Парвардигори ҷаҳониён аст", Аллоҳ дар ҷавобаш гӯяд: "Бандаам Маро ситоиш намуд." Вақте бигӯяд: "Бахшандаи меҳрубон аст", Аллоҳ таъоло гӯяд: "Бандаам бар Ман санои хайр хонд." Вақте банда бигӯяд: "Молики рӯзи ҷазо аст", Аллоҳи муттаъол гӯяд: "Бандаам Маро ба бузургӣ ёд намуд ва кори худро ба Ман вогузошт." Вақте бигӯяд: "Танҳо Туро ибодат мекунем ва танҳо аз Ту мадад меҷӯем," Аллоҳи мутаъол дар ҷавобаш гӯяд: "Ин миёни Ман ва бандаам бошад***

***ва барои бандаам ҳарчи бихоҳад, ато мешавад." Вақте банда бигӯяд: "Моро ба роҳи рост ҳидоят фармо, роҳи касоне, ки бар онҳо инъом кардаӣ, на касоне, ки бар онҳо хашм гирифтаӣ ва на гумроҳон," Аллоҳи мутаъол дар ҷавобаш фармояд: "Ин барои бандаам бошад ва барои бандаам ҳарчи мехоҳад, ато гардад."*** (Саҳеҳи Муслим, 395)

4. Ҳеҷ намозе бидуни сураи Фотиҳа дуруст намегардад. Далели ин фармудаи Паёмбар саллаллаҳу алайҳи ва саллам аст, ки гуфтаанд: ***"Намоз, намоз нест, магар бо хондани сураи Фотиҳа."*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 756)

5. Сураи Фотиҳа ҳамон сураест, ки барои такрор дар намозҳо баргузида шудааст ва ҳеҷ намозе бе он дуруст намегардад ва он бо вуҷуди кӯтоҳ будан, ки аз ҳафт оят иборат аст, усули куллӣ, зербинои андеша ва куллиёти ақидаи исломиро дар бар гирифтааст.

6. Хондани он руқяи шаръӣ ва бо амри Аллоҳ таъоло сабаби шифост. Паёмбар алайҳиссалом фармудааст:

**و ما يدريك أنها رقية؟!**

***"Оё намедонед, ки сураи Фотиҳа руқя[9] аст."*** (Саҳеҳи Бухорӣ, 2276)

7. Аз онҷи дар фазоил ва хусусиятҳои ин сура шарҳ дода мешавад ва ҳамчунин дар робита бо 3-асли асосӣ ва меҳварҳои куллии сура (ки дар поёни китоб зикр карда мешаванд) ва ҳамчунин дар бораи номҳои он бо ***Уммулқуръон***, ***Уммулкитоб*** ва ҳамчунин бо ***Асосул-Қуръон*** гузашт, ин натиҷаи табиӣ бармеояд, ки сураи Фотиҳа таҳдоб ва модари Қуръони карим ба шумор меравад. Дар он куллиёти ақидаи исломӣ, усули мақсадҳои олӣ ва арзишҳои илоҳие, ки дар Қуръон ба тафсил зикр гардидаанд, ба сурати фишурда дарҷ шудаанд ва дигар тамоми Қуръон тафсири он мебошад.

***Аҳамияти сураи Фотиҳа дар чанд хусусияти он хулоса мешавад:***

- Қуръон бо сураи Фотиҳа шурӯъ мегардад.

[9] Руқя дар шариъат ба оне гуфта мешавад, ки ба қасди шифо ёфтан хонда мешавад.

- Ҳар намоз ҳатман бо сураи Фотиҳа шурӯъ мешавад.

- Сураи Фотиҳа нахустин сураест, ки ба таври комил ва дар як навбат бар Паёмбар алайҳиссалом фурӯ фиристода шудааст.

- Дар сураи Фотиҳа мақсадҳои асосӣ ва ҳадафҳои аслии Ислом баён гардида ва идомаи Қуръон шарҳу тафсири муфассали нукоти ҳамин сура мебошад.

**Баёни маккӣ ва маданӣ будани сура**

Сураи Фотиҳа дар Макка ва пеш аз ҳиҷрат нозил шудааст. Ба далели ин фармудаи Аллоҳ таъоло:

**وَلَقَد آتَيناكَ سَبعًا مِنَ المَثاني وَالقُرآنَ العَظيمَ**

**"Ба ростӣ, ки Мо сабъул-масонӣ (сураи Фотиҳа) ва Қуръони бузургро ба ту эй Паёмбар, додаем."** (Ҳиҷр, 87) Пас дар ин оят, ки сураи Фотиҳа ҳамчун Сабъул-масонӣ зикр шудааст, ба иҷмоъи уламо ин сура дар Макка нозил шудааст. Ҳамчунин Паёмбар саллаллаҳу алайҳи ва саллам гуфтаанд:

**أُمُّ القُرْآنِ هي السَّبْعُ المَثانِي والقُرْآنُ العَظِيمُ**

***"Уммул-Қуръон, он ҳафт ояте мебошанд, ки васф ва таъриф шудаанд ва он Қуръонил-ъазим мебошад."*** (Саҳеҳи Ҷомеъ, 1394)

**Муҳимтарин мақсадҳои сура**

1. Маърифати тавҳид, таъриф, сано ва таъзими Аллоҳ таъоло.

2. Зикри тавҳиди 3-гонаи Аллоҳ таъоло, яъне тавҳиди Рубубият, тавҳиди Асмо ва Сифот ва тавҳиди Улуҳият.

3. Маърифат ва шинохти маъбуди Ҳақ таъоло.

4. Баёни роҳи бандагӣ ва роҳи ҳақиқат.

5. Баёни ҳоли мардуми роҳёфта ва мардуми гумроҳ.

6. Холис намудани ибодат ва талаби ёрӣ аз Аллоҳ таъоло.

7. Баёни ҳақиқати роҳи ҳидоят ва пайравони он.

8. Баёни ҳақиқати роҳи гумроҳон ва пайравони онҳо.

9. Маърифат ва шинохти сабабҳои ҳидоят ва гумроҳӣ.

10. Зикри рӯзи ҷазо.

**Мавзӯъи оятҳои сура**

1. Ояти 1 то 4 ақида ва маърифати номҳо ва сифатҳои Аллоҳ таъоло.

2. Ояти 5 асоси намудҳои ибодати Аллоҳ таъоло.

3. Оятҳои 5-6 маърифати манҳаҷи ҳаёт ва баёни ҳақиқати он.

4. Ояти 7 сабабҳои гумроҳӣ.

**Маънои мухтасари сура**

Аллоҳ таъоло бандагони худро хабар медиҳад, ки ҳамеша корҳоро ба номи Ӯ таъоло оғоз намоянд, аз Ӯ таъоло кумак биталабанд ва бар Ӯ тавакал кунанд, яъне хондани Қуръон бояд бо номи Аллоҳ ва бо мадади Ӯ таъоло оғоз шавад, ки Ӯ соҳиби раҳмати ом аст ва раҳматаш ҳамаи халқро фаро гирифтааст. Мафҳуми Раҳим ин аст, ки Ӯ таъоло Парвардигори меҳрубон бо мӯъминон, бо дӯстон ва бо авлиёяш мебошад, ҳамон гунае, ки Раҳим бар Паёмбарон ва бар некӯкорон аст. Тамоми сано, ситоиш ва васфҳои хубу комил танҳо барои Ӯ таъоло, Парвардигори ҷаҳониён аст. Ӯ таъоло дар ҳама ҳол сутуда мебошад, аз ин ҳисоб раҳматаш фазл ва азобаш бошад адл аст. Ӯ Парвардигорест, ки тамоми махлуқотро офарида ва рӯзӣ медиҳад ва дӯстони худро бо мураттаб ба имон ва ба илм хос ва имтиёз бахшида ва танҳо Ӯ мустаҳиқи сипос ва ситоиш аст. Зеро Аллоҳ таъоло ба сурати мутлақ ва комил аз дигарон бениёз буда ва дигарон бошанд, бо тамоми маъонӣ факр ва муҳтоҷи Ӯ мебошанд. Бори дигар ин ду номро, яъне номҳои Раҳмон ва Раҳимро зикр кард, зеро раҳмати Ӯ таъоло ғазабашро гузашта ва ин раҳмат шомили ҳар махлуқ ва фарогири ҳар ҷондоре мебошад. Ӯ таъоло ҳокими рӯзи ҳисоб ва ҷазо, яъне рузи қиёмат аст. Ёдоварӣ аз ин рӯз ба гунаи хос баёнгари ин нуктааст, ки Парвардигор дар он рӯз, тамомияти подшоҳӣ ва мулкияти худро бар махлуқоташ возеҳ ва ошкор месозад, ҳарчанд Ҳақ таъоло ҳам молики рӯзи ҷазо ва ҳам молики дигар падидаҳост. Рӯзи ҷазо рӯзест, ки дар он офаридаҳо ба сабаби аъмол ва кирдори худ маҳкум ба ҷазо мешаванд, агар ин аъмол хуб ва неку буд подоши хуб дарёфт хоҳанд кард ва дар ғайри ин сурат лаёқати ҷазои бадро доранд. Пас лозим аст ҳамвора ба ёди он рӯз

бошем ва барои истиқбол аз он омодагӣ бигирем. Тамоми ибодатҳо ва тоъоти мо, эй Аллоҳ танҳо барои Ту аст. Бор илоҳо! Ибодати мо хос барои Туст ва ҳаққи Ту бар мо ин аст, ки танҳо Туро ибодат кунем ва бо Ту шарике наёварем, вале чунин амре ҷуз дар сояи кӯмак ва тавфиқат мумкин нест, аз ин рӯ танҳо аз Ту ёрӣ меҷӯем. Моро ба сӯи роҳи рост ва дуруст ҳидоят ва раҳнамоӣ бикун! Роҳе, ки моро аз тариқи пайравии амрҳо ва дурӣ кардан аз манъшудаҳоят, ба ҳосил шудани ризоят ва комёб шудан ба биҳишти Ту бирасонад. Ин роҳи равшан ва ошкор роҳи Паёмбарон, сиддиқон, шаҳидон ва солеҳон аст, на роҳи ғазабшудагон монанди яҳудиён, ки онҳо ҳақро шинохтанд, вале аз он пайравӣ накарданд ва на роҳи гумроҳон монанди насрониён, ки онҳо ҳақро аз рӯи нодонӣ ва гумроҳӣ тарк кардаанд.

**Ояти 1-ум**

**بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَـٰنِ ٱلرَّحِيمِ**

**"Ба номи Аллоҳи бениҳоят бахшанда ва меҳрубон." (1)**

**Иршодоти оят**

Дар фармудаи Аллоҳ таъоло **"Ба номи Аллоҳи бениҳоят бахшанда ва меҳрубон." (1)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- ***"Аллоҳ"*** номи Парвардигор буда ва маънояш ингуна аст: ***"Нест маъбуде бар ҳақ ҷуз Ӯ таъоло."*** Ин ном аз махсустарин номҳои Аллоҳ буда ва ин номро ба ғайр аз Ӯ таъоло ба каси дигар номгузорӣ карда намешавад.

- Далел аст, ки Аллоҳ таъоло барои махлуқоташ бениҳоят бахшанда ва меҳрубон аст.

- Раҳмон ва Раҳим, ки аз номҳои Аллоҳ таъоло мебошанд, исбот кардани сифати раҳматро дарбар мегиранд. Номҳо ва сифатҳои Бор таъоло ҳамвора бар ҳамон ҳақиқате ҳамл мешаванд, ки Қуръону суннат бар он далолат доранд, албатта бо фаҳму дарки салафи солеҳи ин уммат.

- Далел аст, ки банда бояд аз даргоҳи Аллоҳ таъоло ба ҳеҷ ваҷҳ ноумед набошад, зеро холиқе дорад, ки бениҳоят бахшанда ва меҳрубон аст.

- Исботи 3-номи Аллоҳ таъоло: ***Аллоҳ, ар-Раҳмон*** ва ***ар-Раҳим***.

- Исботи ду сифати Аллоҳ таъоло.

а) Сифати ***улуҳият***, ки аз номи ***"Аллоҳ"*** гирифта мешавад, яъне якка ва ягона бандагии Ӯ таъолоро баҷо овардан.

б) Сифати ***раҳимият***, аз номи ***"ар-Раҳмон"*** гирифта мешавад, яъне ҳар касеро Аллоҳ таъоло бихоҳад, ӯро мебахшад.

***Огоҳӣ:*** Уламои тафсир ихтилофи назар доранд, ки оё ин оят ҷузъе аз сураи Фотиҳа аст ё на ва сабаби ихтилофи уламо дар ду чиз мебошад:

а) Дар фаҳми ҳадисҳои воридшуда дар ин боб.

б) Дар қироатҳои собитшуда, яъне дар қироати Ибни Касир ***басмала*** ояти якуми сураи Фотиҳа аст, аммо дар дигар қироатҳои собитшуда бошад, ***басмала*** ҷузъи оятҳои сураи Фотиҳа намебошад, локин яке аз оятҳои Қуръон ба шумор меравад. Бар асоси ин олимон гуфтаанд, ки беҳтарин назар ҳамон аст, ки ***басмала*** дар баъзе қироатҳо - монанди қироати Ибни Касир - ояти он аст ва дар баъзе қироатҳо ояти он дониста намешавад.

**Ояти 2-юм**

**ٱلْحَمْدُ لِلَّهِ رَبِّ ٱلْعَٰلَمِينَ**

**"Сипос махсуси Аллоҳ таъолост, ки Парвардигори ҷаҳониён мебошад. " (2)**

**Иршодоти оят**

Дар фармудаи Аллоҳ таъоло **"Сипос махсуси Аллоҳ таъолост, ки Парвардигори ҷаҳониён мебошад. " (2)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Ин оят чигунагӣ ва роҳи муносибати моро ба зоти поки Аллоҳ таъоло муайян месозад. Ин оят ба мӯъминон меомӯзад, ки тамоми ҳамду ситоишҳо махсуси зоти Аллоҳ таъоло мебошанд, зеро Ӯ таъоло Парвардигори ҷаҳониён аст.

- Баёни одоб ва равиши дуъо кардан, яъне дуъокунанда аввал Аллоҳро ҳамду ситоиш мекунад ва баъдан талаби ҳоҷатҳои худро мекунад. Дар суннат низ дар масъалаи одоб ва равиши дуъо ворид шудааст, ки дуъокунанда бояд баъд аз гуфтани ҳамду ситоиши Худованд бар Паёмбари Ислом салавот бифиристад ва баъдан ҳоҷатҳои худро аз Аллоҳ талаб бикунад.

- Далолат бар роҳи хубиҳо ва нишонаҳои саъодатмандӣ мекунад ва он ҳам иқбол ва рӯй овардан бар Аллоҳи мутаъол аст.

- Мо ҳангоме, ки мегӯем, ки ситоиш хоси Парвардигори ҷаҳониён аст, на танҳо Аллоҳи худро меситоем, балки бо ин калима эълон мекунем, ки ситоиш танҳо Аллоҳро месазад, на дигареро. Ситоиши Аллоҳ аз як сӯ, нишонаи имону ихлос ва самимияти мо дар имони хеш буда ва аз сӯи дигар, моро ба мақоми ситоиш ва зоти ҷомеъи тамоми сифоти камол раҳнамун мегардонад.

- Ишора ба он аст, ки ситоиши Аллоҳ баёни ҳидоят ёфтани инсон ва сабаби хушнудии Аллоҳ таъоло мебошад.

- Далолат бар он мекунад, ки ситоиши Аллоҳ таъоло ҳам нишонаи шинохти дурусти банда аз азамату бузургии Аллоҳ аст ва ҳам ифодагари эътирофи ӯ ба сарчашмаи тамоми хубиҳо ва неъматҳо мебошад.

- Ситоиши махлуқ, чи инсон ва чи ғайри он, яъне олами табиат ва сохтаҳои дасти инсон дар сурате ҷоиз ва судманд аст, ки агар ситоишгар дар ин лаҳза осори сунъ (офариниш) ва нишонаҳои қудрати илоҳиро дар он офаридаҳо эҳсос намояд ва аз тамошои нишонаҳои қудрати Аллоҳи мутаъол имонаш афзун гардад. Дар ин ҳолати зикршуда аст, ки ситоиш ва таҳсини зебоиҳо ва ҷозибаҳои ҳар махлуқ ва офаридаи дигар бо сароҳат ситоиш ва таҳсини қудрат ва ҳикмати илоҳӣ мебошад.

- Дар ин оят пас аз номи Аллоҳ, ки ҷомеътарин исм ва исми аъзами Парвардигор аст, номи зебои дигари Аллоҳ низ омадааст, ки ***«Раб»*** мебошад. Сареҳтарин маънои калимаи Раб ба тоҷикӣ, ин ***«Парвардигор»*** аст. Аллоҳ ҳам Офаридгор ва ҳам Парвардигор аст, яъне офаридаҳои худро ҳаргиз ба ҳоли худ раҳо намекунад, балки ҳамеша гардонандаи чархи офариниш ва парваришдиҳандаи мавҷудоти олам мебошад.

- Калимаи оламин ба маънои ҷаҳонҳо ва ҷаҳониён аст, ки исми ҷамъ аст, далолат бар он мекунад, ки Аллоҳ таъоло на танҳо Парвардигори инсонҳо, балки офаридгор ва мураббии ҳамаи махлуқоти худ, аз он ҷумла фариштаҳо, ҷинҳо ва олами табиат низ ҳаст, ки ҳамагӣ ҳамду ситоиши Ӯро мегӯянд ва ҳатто олами ҷимодот (ҷисмҳо) низ аз ҳамду ситоиши офаридгор ғофил ва бебаҳра нестанд. Ҳамчуноне ки Аллоҳ таъоло

баён фармудааст: **«Осмонҳои ҳафтгона ва замин ва тамоми ончи дар онҳост, барои Ў таъоло тасбеҳ мегўянд ва ҳеҷ чизе дар олам вуҷуд надорад, магар ин ки Ўро ҳамроҳ бо васфаш тасбеҳ мегўяд, аммо шумо тасбеҳи онҳоро намефаҳмед.»** (Исро, 44.)

- Ибораи ***«Раббил-ъоламин»*** дар зимни асосҳои эътиқодии Ислом зербинои андешаи исломиро ифода менамояд, зеро имон ба парвардигорӣ ва рубубияти комили Ӯ таъоло яке аз пояҳои муҳимми илми тавҳид ба шумор меравад. Бо дарки ин маъно банда ба имони тавҳидӣ ва яктопарастӣ ноил мегардад ва дар ҳама чиз ва дар ҳама ҷо таҷаллои қудрати ҳақро мушоҳида менамояд.

**Ояти 3-юм**

ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

**"Бахшандаи меҳрубон аст." (3)**

**Иршодоти оят**

Дар фармудаи Аллоҳ таъоло **"Бахшандаи меҳрубон аст." (3)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Пас аз зикри (Парвардигори ҷаҳониён) дар ояти 3-юм номи Раҳмон ва Раҳим зикр гардидаанд, ки бо маънои Раб, яъне Парвардигор бисёр наздик мебошанд. Яъне Аллоҳ зоти бахшанда ва меҳрубон аст, раҳмат ва меҳрубонии Ӯ таъоло бепоён буда, тамоми мавҷудоти оламро, ки ҳама дар сояи рубубияти (парвардигории) Ў қарор доранд, фаро гирифтааст. Зеро пайваста гардонидани чархи олами офариниш ва дар зери пўшиши парвариш ва нигоҳубини ҳамешагии худ қарор додани олами номутаноҳӣ, гўшае аз камоли раҳмати илоҳӣ мебошад.

- Далел аст, ки Парвардигори меҳрубон бо тадбири ҳакимонаи худ шароит, заминаҳо ва имконоти бақо, зиндагӣ ва парвариши бардавоми ҳама чизро, дар зимни низоми офариниш ба таври дақиқ, устувор ва худкор ниҳодааст. Хулоса, ҳама чиз дар боргоҳи раҳмат ва навозишҳои бепоёни Парвардигор мавҷудият ва парвариш меёбанд. Бо ин нигариш ба олами ҳастӣ банда метавонад бахшандагӣ ва меҳрубонии Парвардигорро дарк намояд.

**Ояти 4-ум**

مَٰلِكِ يَوۡمِ ٱلدِّينِ

**"Молики рӯзи ҷазост." (4)**

**Иршодоти оят**

Дар фармудаи Аллоҳ таъоло **"Молики рӯзи ҷазост." (4)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Оятҳои то инҷо зикршуда далолат мекунанд, ки Аллоҳ таъоло ҳамду ситоишро барои худ дӯст медорад, зеро бо он шурӯъ кардааст ва ҳамчунон бандагони худро низ ба он амр намудааст.

- Ишора ба он мекунад, ки ҳамду ситоиши ҳар чизе, бояд бар асос ва ҳақиқат бошад, ки дар ғайри ин сурат шаҳодати зур дониста мешавад, бар ин асос Аллоҳ таъоло ҳангоме зоти поки худро васф ва ситоиш мекунад, пас муқтазо (шарт) ва талаботи онро низ зикр мекунад, монанди ин оятҳои гузашта: **Сипос махсуси Аллоҳ таъолост, ки Парвардигори ҷаҳониён мебошад. (2) Бахшандаи меҳрубон аст. (3) Молики рӯзи ҷазост. (4)**

- Силсилаи номҳо ва сифатҳои таъоло пас аз сайре дар паҳнои мафҳуми раҳмоният ва раҳимияти Ӯ таъоло, пои андешаи моро ба хотимаи зиндагонии ин дунё мекашонад ва моро дар рӯ ба рӯи ҳисоби аъмоли худ дар рӯзи қиёмат ва дарёфти подош ва ҷазои хуб ва ё бади онҳо қарор медиҳад.

- Ишора ба он аст, ки дар он рӯз дигар ҳукму сарварии тамоми фармонравоён ва моликони маҷозӣ (ғайриҳақиқӣ) аз байн рафта ва соҳиб ва ҳукмравои он рӯз танҳо Аллоҳ мебошад. Алҳамдулиллоҳ, ки ҳамон Парвардигоре, ки бахшандаву меҳрубон аст, худ молик ва қозии рӯзи ҷазо мебошад.

- Калимаи ***"Явмид-дин"*** яъне рӯзи қиёмат ва рӯзи ҷазост, рӯзест, ки тамоми мурдагон дар он рӯз зинда гардонида мешаванд ва ба доварии Парвардигори меҳрубон фаро хонда мешаванд, то ба сазои аъмоли неку бади худ бирасанд ва то адли илоҳӣ ва подшоҳи ҳақиқӣ дар он рӯз ошкор гардад.

- Имон ба рӯзи ҷазо ва доварии Парвардигор дар он рӯз яке аз муҳимтарин аркони имон аст, ки ба такрор дар бисёр оятҳои Қуръон таъкид мегардад. Бо баёни ин маъно инсон ҳукумати комилу шомили Аллоҳро бар нафс ва равони худ дар ду ҷаҳон мепазирад, зеро дар ин ҷаҳон агар заррае ҳам дороие ихтиёр дорад, натиҷаи он дар рӯзи ҷазо аз сӯи он Молик ва дорои мутлақ таъйин мегардад.

- Далел аст бар асли имон ба рӯзи охират, зеро имон ба охират яке аз муҳимтарин усули эътиқодӣ дар зербинои андешаи исломӣ ба шумор меравад ва дар таъйини хатти фикрӣ ва усули ахлоқии инсон таъсири созандае мегузорад.

***Огоҳӣ:*** Бо гуфтани ***"Молики явмид-дин"*** яъне соҳиб ва дорандаи рӯзи ҷазо, мо бояд иқрор бикунем, ки Аллоҳ таъоло ҳамон гуна, ки офаридгор ва Парвардигори ҷаҳон ва ҷаҳониён мебошад, инчунин соҳиб ва дорандаи рӯзи ҷазо низ ҳаст, яъне ҳарду саро дар дасти Ӯ таъоло қарор доранд ва Ӯ тасарруфкунандаи ягона дар низоми онҳо мебошад.

**Ояти 5-ум**

إِيَّاكَ نَعْبُدُ وَإِيَّاكَ نَسْتَعِينُ

**"Парвардигоро, танҳо Туро мепарастем ва танҳо аз Ту ёрӣ меҷӯем." (5)**

**Иршодоти оят**

Дар фармудаи Аллоҳ таъоло **"Парвардигоро, танҳо Туро мепарастем ва танҳо аз Ту ёрӣ меҷӯем." (5)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Тақдими замири ***"ийёка"*** бар феъл, баёнгари ихтисоси ибодат ба Аллоҳ таъоло ва лозими талаби кумак аз Ӯст, ба ин мафҳум, ки ин ду амалкард, яъне ибодати холисона ва талаби кӯмак бояд махсуси Ҳақ таъоло бошад.

- Яккаву ягона ибодат кардан ва талаби кумак кардан аз Аллоҳи бузург аркони тавҳид ба ҳисоб меравaнд.

- Дар ин оят банда дар пешгоҳи Аллоҳ бо сароҳат эълон менамояд, ки ибодат ва бандагиро танҳо барои Ӯ анҷом медиҳад, аз Ӯ мадад мехоҳад ва тарзи зиндагонии худро бар асоси муқаррароти шаръии Ӯ таъоло ба роҳ мемонад.

- Ин оят далел бар безорӣ аз ширк ва мушрикон аст.

- Баъзе уламои тафсир гуфтаанд: *Сураи Фотиҳа сирру асрори Қуръони карим аст ва сирри Фотиҳа бошад, ин калима аст, "Парвардигоро, танҳо Туро мепарастем ва танҳо аз Ту ёрӣ меҷӯем."*

- Тарбияти мусалмон бар рӯй овардан ба Аллоҳ таъоло ва талаби кумак хостан аз Ӯ таъоло дар тамоми корҳо, хусусан дар ибодатҳо.

- Лозим ба зикр аст, ки маъбуди якто донистани Аллоҳ ва сазовори парастишу ибодат ва сазовори ёриву мададхоҳӣ танҳо аз Аллоҳи мутаъол, аз масъалаҳои аслӣ дар баҳсҳо ва мунокашаҳои мушрикони Қурайш бо Паёмбар алайҳиссалом дар ибтидои даъвати Ислом буд, ба хусус мавзӯъи улуҳият, яъне яктопарастии Аллоҳ таъоло, масъалаи асосӣ дар ин баҳсҳо ба шумор мерафт.

- Дар бисёр оятҳои Қуръон ва аҳодиси Расулуллоҳ саллаллаҳу алайҳи ва саллам бармеояд, ки арабҳои мушрик Аллоҳ таъолоро ба унвони танҳо Офаридгори ҳамаи олами ҳастӣ мешинохтанд ва холиқияти Ӯ таъолоро қабул доштанд, вале мавзӯъи улуҳияти Ӯро намепазируфтанд ва баръакс, бутҳоро парастиш мекарданд ва аз онҳо мадад мехостанд. Ҳангоме, ки Паёмбар алайҳиссалом ба бутҳо ва ба ин рафтори онҳо эрод мегирифтанд ва онҳоро рад мекарданд, онҳо ночор бо иқрор ба ин ки дар мавзеи заъф қарор гирифтаанд, чунин узр пеш меоварданд, ки ибодати онҳо махсуси ин бутҳо нест, балки ин бутҳо танҳо василае ҳастанд, ки аз тариқи онҳо ба Аллоҳ муроҷиат мекунанд, яъне тавассул ва тақарруб меҷӯянд, мадад ва омӯрзиш мехоҳанд. Дар ҳоле, ки Аллоҳ таъоло дар ин оятҳо ҳеҷ гуна восита ва миёнаравро дар миёни худ ва бандагонаш ҷоиз надонистааст ва онҳоро ба ибодат, муноҷот ва ҳузури бевосита дар пешгоҳи худ фаро хондааст. Аллоҳ таъоло безор аз он аст, ки касе сангу чӯб ва хоку гил ва солеҳин ва ё малоика ва ё аҷсоми дигарро миёни худ ва маъбуде, ки ба бандааш аз шоҳраги гардан наздиктар ва аз ҳар нафаси ӯ бохабар аст, восита қарор диҳад.

- Ин оят далел аст, ки касеро ва ё чизеро дар парастиш ба Аллоҳ шарик қарор додан ҷоиз нест ва ин амал бузургтарин гуноҳ ба ҳисоб меравад. Аллоҳи мутаъол аз ибтидои хилқат, башариятро ҳеҷ гоҳ бидуни раҳнамо ба сӯи имони яктопарастӣ нагузоштааст, балки барои онҳо Расулоне фиристодааст, ки ҳар касе аз онҳо итоъат

бикунад дохили ҷаннат мешавад ва ҳар касе нофармонии онҳоро бикунад, пас сазовори дӯзах мегардад, вале ҳар бор бо фавти Паёмбарон ва гузашти замон ҳамин офати ширку бутпарастӣ ва ғулув (зиёдаравӣ) дар солеҳин аст, ки домангири инсонҳо мегардад, ба тадриҷ онҳоро аз роҳи рости Аллоҳпарастӣ ва аз сироти мустақим дур мегардонад.

- Ишора ба он аст, ки вақте бандаи мӯъмин дар муноҷот ва намози худ бо сиғаи ҷамъ, (мо) ба Аллоҳ муроҷиат менамояд ва аз Ӯ мадад мехоҳад, бояд ба аҳамияти ин нукта таваҷҷӯҳ намояд, ки пойбандӣ ба асли ҷамоат ва ҳифзи якпорчагии мардум аз муҳимтарин воҷиботи имонии ӯ мебошад, зеро ӯ мегӯяд: **"Танҳо Туро мепарастем ва танҳо аз Ту мадад мехоҳем"**.

***Огоҳӣ:*** Саволе матраҳ мешавад, ки сababи ширку гумроҳӣ аз роҳи рост ва ҳидоят дар чист? Албатта, сабабҳо зиёданд, вале бештар ду омил боиси ин офат мегарданд ва он ду омил ҳам бархоста аз як маншаи заъфи инсон мебошанд. Заъфи инсон аз ду ҷиҳат аст, яке ин ки инсон ба чизҳои осонтар ва дастрастаре иртибот барқарор менамояд, ки вуҷуди зоҳирӣ доранд ва аз тариқи ҳавоси панҷгона (бинойӣ, шунавойӣ, бӯёӣ, чашойӣ ва ламс кардан) дарёфта мешаванд. Дигар ин ки инсон аз назари ҷисмӣ дар баробари ҳодисаҳо ва мусибату вазнинихои ҷаҳон заъифу нотавон аст. Бинобар ин, ба хусус вақте муҳтоҷи мадад ва ёрӣ мегардад, ба чизҳое рӯй меоварад, ки дар назари ӯ муқаддас ва нерӯмандтар менамоянд ва дар айни замон дидашаванда ва ҳис карда мешаванд. Ӯ ба ҳамин тавр худро тасалло мебахшад, зеро наҷотдиҳандаи худро дар пеши чашм дорад ва ҳузуран бо он розу ниёз мегӯяд, вале барои ҳифзи ҳамешагии имони ба Аллоҳ, ки аз ҳавзаи имконоти дарки ҳавоси панҷгона ва тавоноиҳои нокофии фикру андешаи мо бартар аст, зарфияти бузургтари маънавӣ ва албатта, ҳамроҳ бо тавфиқӣ илоҳӣ зарурист. Маъмулан, ширк ба содагӣ шурӯъ гардида, одамон ҳанӯз дар ибтидо барои он васоиле, ки дар миёни банда ва Аллоҳ, обид ва маъбуд васила қарор дода мешуданд, дараҷаи улуҳият ва маъбудиятро қоил набуданд, вале ба тадриҷ бо дур шудан аз Қуръону суннат ва роҳи рости Паёмбарон, илоҷи ин воситаҳо ба дараҷаи улуҳият бардошта шуданд ва дар ин кор, албатта касоне ва доираҳое, ки манфиати сиёсӣ ва моддиву молӣ доштанд, нақши муҳим бозидаанд. Аз ҷумла мушрикони Макка ба Паёмбар алайҳиссалом ба нишони

эътироз мегуфтанд, ки ин бутҳо ҳастанд, ки аз ҳисоби қурбониҳои зоиронашон моро мехӯронанду мепӯшонанд ва қудрати сиёсиву тиҷории Маккаро ҳифз мекунанд.

**Ояти 6-ум**

ٱهۡدِنَا ٱلصِّرَٰطَ ٱلۡمُسۡتَقِيمَ

**"Моро ба роҳи рост ҳидоят фармо [ва ҳамвора собитқадам бигардон]." (6)**

**Иршодоти оят**

Дар фармудаи Аллоҳ таъоло **"Моро ба роҳи рост ҳидоят фармо [ва ҳамвора собитқадам бигардон]." (6)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Ташвиқ ва тарғиб шудааст бар дуъо кардан аз Аллоҳ таъоло.

- Эътироф бар неъматҳои илоҳӣ кардан, ки ин худ як навъ ибодат ба шумор меравад.

- Ишора ба он аст, ки бояд аз Аллоҳ таъоло доим талаб кард, то дар дин улгу ва намунаи хуб бошем.

- Доиман аз Аллоҳ барои истиқомат дар динаш дархост ва талаб кардан, зеро душманони инсиву ҷиннӣ ҳамеша дар гумроҳ кардани инсонҳо мебошанд.

- Барои раҳоӣ аз гумроҳиҳо Парвардигори меҳрубон ба мо дуъоеро ёд медиҳад, ки камоли эъҷоз ва ҷомеътарин дуъоҳо мебошад ва метавон гуфт, ки мақсуд ва муроди мӯъмин дар он хулоса мегардад: **“Моро ба роҳи рост ҳидоят фармо”**. Ҳеч бандаи мӯъмин, ҳатто Паёмбарон, авлиё ва бузургтарин уламо, аз ин дуъо бениёз нестанд, зеро роҳи ростро танҳо бо тавфиқи илоҳӣ метавон паймуд ва таваккул бар он зоти поку муназзаҳ барои ҳар донишманде ва парҳезгоре низ зарурист.

- Манзур аз ин роҳи рост ҳам дар корҳои диниву ибодӣ ва ҳам дар корҳои дунявист, зеро ҳамон корҳои дунявӣ, агар дар чорчӯбаи меъёрҳои ойини Ислом анҷом дода шаванд, дар ибодати Аллоҳ таъоло дохил мегарданд.

- Паёмбари акрам алайҳиссалом фармудаанд, ки ***«Беҳтарини корҳо миёнаи онҳост.»*** Муҳимтарин хусусияти дини Ислом миёнаравӣ ва эътидол мебошад, ки аз мусалмонон дурӣ ҷустан аз ҳар гуна ифроту тафритро дар тамоми корҳои динӣ ва дунявӣ талаб менамояд. Ифрот яъне муболиға ва зиёдаравӣ дар корҳои диниву дунявӣ ва тафрит яъне сустию саҳлангорӣ ва бетафовутӣ дар онҳост ва сироти

мустақим, яъне роҳи ростест, ки аз миёни ин ду варта (партгоҳ ё маҳалли хатаровар) мегузарад. Ояти **«Ҳамин тавр шуморо уммати миёна гардонидем»** мўъминонро бо сароҳат ба сўи эътидол ва миёнаравӣ даъват менамояд ва оятҳои дигар онҳоро аз ғулуву ифротгарой ва ҳамчунин аз бетафовутию саҳлангорӣ, ба хусус дар умури динӣ, бозмедоранд. Аз Паёмбар алайҳиссалом ҳадисҳои зиёде дар мазаммати ғулув (зиёдаравӣ) ва ифрот дар корҳои динӣ ва дар корҳои дунявӣ ворид шудааст.

- Китоби Аллоҳи ҳаким ва суннати Паёмбари акрам саллаллаҳу алайҳи ва саллам беҳтарин баёнгар ва далолаткунандаи ин роҳи мустақим мебошанд.

- Ишора ба он аст, ки вақте банда ба пешгоҳи Аллоҳ таъоло арз менамояд, ки **«Бор илоҳо, моро ба роҳи рост ҳидоят фармо»**, аслан ў тамоми уммати Исломро дар паҳлўи худ дониста, барои ҳамаи онҳо аз Аллоҳи мутаъол чунин хайр ва ҳидоятеро талаб намудааст. Пас ин далолат ба ҳифзи якпорчагии уммати Ислом ва ваҳдати ичтимоии онҳо аз худ алоқамандӣ нишон додан аст.

**Ояти 7-ум**

صِرَٰطَ ٱلَّذِينَ أَنۡعَمۡتَ عَلَيۡهِمۡ غَيۡرِ ٱلۡمَغۡضُوبِ عَلَيۡهِمۡ وَلَا ٱلضَّآلِّينَ

**"Роҳи касоне, ки бар онҳо неъматҳо додаӣ, на роҳи касоне, ки бар онҳо хашм гирифтаӣ ва на роҳи гумроҳон." (7)**

**Иршодоти оят**

Дар фармудаи Аллоҳ таъоло **"Роҳи касоне, ки бар онҳо неъматҳо додаӣ, на роҳи касоне, ки бар онҳо хашм гирифтаӣ ва на роҳи гумроҳон." (7)** масъалаҳои зерин гирифта мешаванд:

- Дар ин оят он роҳи росте, ки банда аз Парвардигораш мехоҳад, роҳи касоне дониста шудааст, ки Аллоҳ таъоло бар онҳо неъматҳо додааст. Пас ки ҳастанд он касон? Аллоҳ таъоло мефармояд: **"Ҳар кас фармудаҳои Аллоҳро ба чо овард ва ба роҳнамудаи Паёмбари Аллоҳ амал намуд, пас онҳо ҳамнишини касоне хоҳанд буд, ки Аллоҳ ба онҳо неъмат додааст аз Паёмбарон ва сиддиқон, шаҳидон, солеҳон ва мўъминон, ки Аллоҳ зоҳир ва ботинашонро ислоҳ намудааст, инҳо чи хуб дўстоне ҳастанд, ки бо онҳо дар боғҳои биҳишт чамъ шуда ҳаёт ба сар мебаранд."** (Нисо, 69) Ин чаҳор гурўҳ аз инсонҳо, ки дар ин оят зикр шудаанд, аз

ҳама бузургтар Паёмбарон алайҳимуссалом мебошанд, сипас сиддиқон, ки ба афроде аз миёни умматҳои Паёмбарон гуфта мешавад, ки илова бар доштани сифатҳои барҷаста ҳамчунин аз дараҷаи баланди тақво баҳрамананд. Ба таъбири дигар ба ин даста аз инсонҳо авлиё гуфта мешавад, аммо шуҳадо ба касоне гуфта мешавад, ки муҳаббати ғайри қобили васфе нисбат ба дин ва ҳақоиқи он дошта, дар роҳи он ҷони худро низ дареғ намедоранд. Гурӯҳи чаҳорум, яъне солеҳон пайрави воқеии шариатанд, ки тамоми корҳои динро аз воҷибот то мустаҳаббот бо хотири хуш анҷом медиҳанд, ки дар истилоҳ ба онҳо ***«мардуми нек ва диндор»*** гуфта мешавад.

- Гӯшзади Аллоҳ таъоло бар он ки инсон набояд мисли яҳудиён рафтор намояд, ки онҳо ҳақиқатро донистанд, аммо бар он амал накарданд ва набояд ҳам мисли насрониён рафтор бикунад, ки онҳо ҷоҳилона ва бидуни илм амал намуданд.

- Ғазаби Аллоҳ бар касоне, ки медонанд ва амал намекунанд ё амал мекунанд, аммо бе илми шариъат ва бар асоси ҷаҳлу нодонӣ амал мекунанд.

- Бандаи мӯъмин бо ин дуъо ва муноҷоти худ аз Аллоҳ таъоло мехоҳад, ки ӯ ва тамоми мусалмононро ба роҳи рост, ки ҳамон роҳи бандагони инъомшудаи Ӯ мебошад, ҳидоят намояд ва дар паймудани он устувор дорад.

- Калимаи ***«мағзуби алайҳим»*** хашмшудагон, касоне ҳастанд, ки бо он ки Аллоҳ роҳи ростро ба онҳо нишон дода ва онҳо нисбат ба ин ҳидоят хабар ва иттилоъ доранд, аммо аз сари туғён ва кибру нофармонӣ аз сироти мустақими илоҳӣ дур гардидаанд ва ба ин сабаб мавриди хашму ғазаби Ӯ таъоло қарор гирифтаанд.

- Калимаи ***«золлин»*** гумроҳон, касоне ҳастанд, ки ба сабаби ғафлат ва ноогаҳӣ аз роҳи рости Аллоҳ таъоло дур гардидаанд.

- Ин оят ба таври равшан ба он ишора дорад, ки шахси мӯъмин бо шинохтани марзҳои фарҳанг ва тамаддуни исломӣ бояд намунаи зиндагӣ ва ахлоқии худро дар онҳое ҷӯяд, ки ба камоли бандагӣ сарфароз гардидаанд ва дар айни ҳол аз пайравии кӯр-кӯрона ва дар баробари онҳое, ки мавриди накӯҳиши илоҳӣ қарор гирифтаанд, дурӣ ҷӯяд.

- Пас аз тиловати сураи Фотиҳа дар намоз ҳам барои тиловаткунанда ва ҳам барои шунавандагон суннат аст, ки ***«омин»***[10] бигӯянд. Лозим ба зикр аст, ки баёни афзалияти баланд ё паст гуфтани омин дар намоз мавзӯъи фиқҳӣ буда, таҳқиқи он дар салоҳияти уламои он фан мебошад.

- Тиловаткунанда то қадри имкон бояд фикр ва ҳавоси худро барои дарки маънои сура ҷамъ намояд, зеро вақте дар фароварди он омин мегӯяд, он дархости қабули дуъои ӯ бошад, на нишони ғафлат ва парешонӣ.

- Бояд донист, ки калимаи ***«омин»*** аз матни Қуръон ба ҳисоб намеояд, балки он дуъоест, ки Расули акрам алайҳиссалом дар хотимаи сураи Фотиҳа гуфтани онро ба мо омӯхтаанд.

***Огоҳӣ:*** Вақте дар сарнавишти насроният меандешем, мебинем, ки онҳо чи тавр ҳазрати Исои Масеҳро нисбати илоҳӣ доданд ва тимсолҳои (сурат ва нақш) ӯро мисли бут дар ибодатгоҳҳояшон гузошта, ба он ибодат мекунанд. Магар ойини барҳақ ва тавҳиди беолоише, ки Исои Масеҳ алайҳиссалом аз ҷониби Аллоҳи мутаъол оварда буд, ҳамин аст? Оё ин айни бутпарастӣ нест? Барои ҳамин Аллоҳ таъоло аз ҳамон ибтидои даврони рисолати Паёмбар алайҳиссалом тавҳиди улуҳиятро ба таври равшан барои мӯъминон муайян ва гӯшзад намуд ва онро бо шакли дақиқи қуръонӣ дар матлаъ ва сароғози сураи Фотиҳа ҷой дод. Танҳо Туро мепарастем ва танҳо аз Ту мадад мехоҳем.

**Фаҳми тавҳиди асмо ва сифоти Аллоҳ таъоло**

Дар ин сура дар оятҳои 1-4 исботи 7-номи Аллоҳ (ал-Аллоҳ, ар-Раб, ар-Раҳмон, ар-Раҳим, ал-Малик, ал-Молик ва ал-Малийк) ва фиқҳи ибодат кардан ё фаҳму дарки ибодат кардан ба онҳо зикр гардидааст, ҳамчунин исботи 4-сифоти Аллоҳ, (ал-Улуҳия (ягона ибодатшаванда), ар-Рубубия (ягона тарбиякунанда), ар-Раҳмат, (раҳмкунанда) ва ал-Ғазаб (ғазабкунанда)) зикр шудааст.

Вақте, ки номе барои Аллоҳ дар Қуръон ва ё аҳодиси саҳеҳ собит шуд, дар он 5-амр ҳатмӣ ва зарурист:

---

[10] Маънои омин ***«Бор Илоҳо, қабул бифармо»*** мебошад.

1. Имон ва тасдиқ кардани он.

2. Исботи сифати гирифташуда аз он.

3. Фаҳми маъно ва далолати он.

4. Дуъо ва ибодат кардан ба он.

5. Амал кардан ба талаботи он.

Барои равшантар шудани ин масъала, 5-амри ҳатмӣ ва зарурии номи ***"Аллоҳ"***-ро баррасӣ мекунем:

1. Имон ва тасдиқ кардан, ки ***"Аллоҳ"*** номи зоти Ӯ таъолост.

2. Аз номи ***"Аллоҳ"*** сифати улуҳият барои Ӯ таъолоро исбот намудан.

3. Маъно ва далолати он: ***"Аллоҳ"*** исми хос ва шинохташудаи Ӯ таъолост, ки бар улуҳияти Ӯ далолат мекунад. Ӯро халоиқ аз рӯи муҳаббат, таъзим ва фурӯтанӣ мепарастанд ва дар баровардани ҳоҷатҳо ва мушкилотҳо ба сӯи Ӯ рӯй меоранд. ***"Аллоҳ"*** исми ҷомеъ барои маънои номҳои накӯи Аллоҳ мебошад, яъне ҳамаи номҳо бар ҳамин ном бармегарданд ва зотест, ки шоиста ва лоиқи парастиш шудан аз тарафи тамоми бандагонашро дорад. Инчунин зотест, ки саҷдаву рукӯъ ва тамоми намуди ибодатҳо барои Ӯст ва бо ин ном ба ғайр аз Аллоҳ касеро номидан ҷоиз нест.

4. Дуъо ва ибодат кардан ба он, чун фармудаи Аллоҳ таоъост: **"Зеботарин номҳо барои Аллоҳ таъолост, пас Ӯро ба он [номҳо] бихонед..."** (Аъроф, 180) Аллоҳро бо он номҳо дуъо кардан бар ду навъ аст:

- Дуъои ҳамду сано ва ибодат. Монанди ***"Ё Аллоҳи бузургу карим, Ё Аллоҳи қодиру тавоно"*** ва амсоли ин.

- Дуъои талабу пурсиш аз Ӯ таъоло. Монанди ***"Ё Аллоҳ маро раҳмат бикун", "Ё Аллоҳ маро бубахш, нусрат бидеҳ"*** ва амсоли ин.

5. Амал кардан ба талаботи номи ***"Аллоҳ"***-и бузург. Манзур аз ин, ибодат кардан ба василаи номҳои Парвардигор, иттилоъ пайдо кардан нисбат ба онҳо, донистани маъонии онҳо ба таври комил ва амал кардан ба онҳост. Вақте, ки номи ***"Аллоҳ"*** зикр шудааст, ин бадон маънист, ки банда бояд ҳамаи умурашро таслими фармони

Ӯ таъоло кунад, Ӯро якка ва ягон бидонад ва ибодат кунад, зеро Аллоҳ якка ва ягона буда, ҳамаи умур бар асоси ҳикмати Ӯст. Ҳамчунин аз нишонаҳои амал ба номҳо, бузургдошт ва таъзими онҳо ва хондани Аллоҳ ба василаи онҳост. Хулоса, вақто, ки бандаи мӯъмин ин 5-амрро нисбат ба номи ***"Аллоҳ"***-и бузург хуб аз худ кард, бояд дар қалбу бадани ӯ осори бузурге дида шавад. Аз ҷумла дар банда бояд осор ва нишонаҳои зерин, ки ҳамчун бузургтарин натиҷаи шинохти банда нисбат ба Аллоҳ мебошанд, ошкор гардад:

- Муҳаббат ва бузургдошти Аллоҳи ягона аз ҳама чиз. Ҳатто бузургдошти Аллоҳи таъоло аз нафси худ, аз мол, аз аҳлу фарзанд ва аз ончи банда дар дунё дорад.

- Ихлоси бандагӣ бар Ӯ таъоло дар тамоми ибодатҳо, яъне ҳамаи анвоъи ибодатҳоро танҳо барои Аллоҳ анҷом диҳад, аз қабили таваккул, тарс, умед, рағбат, намоз, рӯза, ҳаҷ, закот, назр, қурбонӣ ва амсол инҳо, ки албатта анҷоми ин ибодатҳо барои ғайри Аллоҳ ҷоиз нест.

- Шуъӯр ва қобилияти дарк намудани иззату обрӯмандии банда, дар ҳоле, ки банда худро ба Ӯ таъоло нисбат диҳад, яъне ҳангоме, ки банда худро ба Аллоҳ нисбат диҳад, ҳангоме, ки Аллоҳ зикр карда шавад ва ё ҳангоме, ки банда чизеро аз Аллоҳ бидонад, бояд ҳиссиёте дар ӯ пайдо шавад, ки иззат ва обрӯмандиро эҳсос кунад.

- Эҳсоси оромиши руҳиву ҷисмонӣ ва саъодатмандии банда, ҳангоми ёд ва зикри Аллоҳи таъоло.

- Якка ва ягона қарор додани Ӯ таъоло дар дӯстиву бадбинӣ, яъне ба хотири Аллоҳ касеро дӯст доштан ва ё ба хотири Аллоҳ касеро бад дидан.

- Дар Қуръон номи ***"Аллоҳ"*** 2724 – маротиба омадааст.

***Ар-Раб:***

1. Имон ва тасдиқ кардан бар ин ки ***"Раб"*** яке аз номҳои Аллоҳ таъолост.

2. Исботи сифати рубубият аз номи ***"Раб"***.

3. Маъно ва далолати он: Парвардигоре аст, ки халқашро бо неъматҳояш парвариш медиҳад, онҳоро оҳиста-оҳиста рушд медиҳад ва Ӯст, ки дӯстонашро бо ончи, ки

дилҳояшонро ислоҳ кунад, тарбия мекунад. Ӯ холиқ, малик, сайид, офаридгор ва идоракунанда аст ва ҳамаи халқашро бо неъматҳояш тарбия мекунад. Истифодаи номи ***"Раб"*** барои ғайри Аллоҳ таъоло ҷоиз намебошад, магар дар ҳолате, ки исме ё чизе ба ин ном илова карда шавад. Масалан, раббул-усрати (соҳиби оила) ё раббул байт (соҳиби хона) ва монанди инҳо.

4. Дуъо ва ибодат кардан ба он.

- Дуъои ҳамду сано ва ибодат. Монанди, ***"Ё Парвардигори бузург, ё Парвардигори кариму қодир"*** ва амсоли ин.

- Дуъои талабу пурсиш: Монанди, ***"Ё Парвардигор маро раҳмат бикун, ё Парвардигоро маро бибахш"*** ва амсоли ин, зеро аксари дуъоҳои воридшуда аз анбиё алайҳимуссалом ба Раббано шурӯъ шудааст.

5. Амал кардан ба талаботи номи ***"ар-Раб"***.

Манзур ин аст, ки вақте банда умури 5-гонаро донист ва аз худ кард, дар банда бояд нишонаҳои зерин ошкор шаванд, аз ҷумла:

- Ҳикмати тавҳиди рубубиятро аз худ кардан ва ба он амал кардан. Фармудаи Ӯ таъоло: **“Оё пиндоштаед, ки шуморо беҳуда офаридаем ва ба сӯи Мо бозгардонида намешавед?”** (Мӯъминон, 115)

- Таваккали комил ба Парвардигор кардан, чун медонад ҳамаи умури дунё дар дасти Ӯ таъолост. Аллоҳ фармудааст: **“Бигӯ: "Агар медонед, бигӯед фармонравоии ҳама чиз ба дасти кист? Ва кист, ки паноҳ медиҳад ва касе каси дигареро дар баробари Ӯ таъоло паноҳ дода наметавонад?" Хоҳанд гуфт: "Фармонравоии ҳама чиз аз они Аллоҳ таъолост." Бигӯ: "Пас, чӣ гуна фиреб мехӯред [ва намеандешед]?"** (Мӯъминон, 88-89).

- Лаззат ва таъми имонро чашида ва ба амрҳо ва манъкардаҳои илоҳӣ розӣ мешавад, зеро медонад, ки ҳамаи корҳо аз ҷониби Парвардигори якто буда ва ба хости Ӯ анҷом мегиранд. Паёмбар саллаллаҳу алайҳи ва саллам фармудаанд:

ذاقِ طعمِ الإ يمانِ منِ رضي باللهِ ربا وبالإسلام دينا وبمحمدِصلى الله عليه وسلم رسوَلا

***"Касе, ки розӣ бошад бар ин ки Аллоҳ Парвардигораш аст, Ислом дину ойинаш аст ва Муҳаммад саллаллаҳу алайҳи ва саллам Расулаш аст, лаззат ва таъми ҳақиқати имондориро мечашад."*** (Саҳеҳи Муслим, 34)

- Ҳамчунин аз нишонаҳои амал кардан ба номи ***"ар-Раб"***, бузургдошт ва таъзими ин ном ва хондани Аллоҳ ба василаи ин ном мебошад.

- Дар Қуръон номи ***"ар-Раб"*** 900-бор омадааст.

***Ар-Раҳмон:*** Маъно ва далолати он: Бораҳмтарин ва меҳрубонтаринест, ки тамоми махлуқот шомили раҳмати Ӯ мебошанд ва ғайр аз Аллоҳ каси дигарро бо ин ном номгузорӣ кардан ҷоиз нест.

***Ар-Раҳим:*** Маъно ва далолати он: Раҳмкунанда ва бахшандаи мӯъминон дар дунёву охират. Онҳоро дар дунё барои ибодаташ муваффақ мегардонад ва дар охират онҳоро бо ҷаннаташ икром хоҳад кард. Хулоса ин 2-ном, яъне номҳои ***"ар-Раҳмон"*** ва ***"ар-Раҳим"*** далолаткунанда ба раҳмате мебошанд, ки ҳамаи махлуқотро фаро гирифтаанд.

- Ба ин ду номи Аллоҳи зебо амал кардан ин аст, ки банда доим ба Ӯ таъоло умеди раҳматашро дошта бошад ва ҳеҷ вақт ба ноумедӣ раҳ надиҳад. Ҳамчунон доиман нисбат ба Аллоҳ таъоло гумони нек дошта бошад, зеро Ӯ таъоло бениҳоят меҳрубон аст. Ӯ таъоло фармудааст: **"[Эй Паёмбар] Ба бандагонам, ки зиёдаравӣ кардаанд, бигӯ: "Аз раҳмати илоҳӣ маъюс набошед, чаро, ки агар тавба кунед Аллоҳ таъоло ҳамаи гуноҳонатонро мебахшад. Ба ростӣ, ки Ӯ бисёр омурзанда ва меҳрубон аст."** (Зумар, 53)

- Ҳамчунин Аллоҳ бахшандагонро мебахшад. Пайғамбарамон саллаллаҳу алайҳи ва саллам фармудаанд: ***"Бахшандагонро Аллоҳи раҳмон мебахшад, шумо раҳм кунед ба аҳли замин то ин ки зоте, ки дар осмон аст, шуморо бибахшад."*** (Абудовуд, 4941)

- Исми ***"ар-Раҳмон"*** 57-бор ва исми ***"ар-Раҳим"*** 123-бор дар Қуръон омадаанд.

***Ал-Малик:*** Маъно: Касест, ки амру наҳӣ ва ғалаба аз Ӯст. Ӯ бо амрҳояш ва феълҳояш бар сари халқаш тасарруф мекунад ва касе бар Ӯ дар ҳукмронии мардум бартарӣ надорад, чун Ӯ таъолост, ки ҳукмаш бе чуну чаро бояд иҷро шавад.

***Ал-Молик:*** Маъно: Молики аввалу охир аст, яъне ҳама чизро Ӯ таъоло молик аст. Ҳарчи, ки дар дунёст бозгашташ ба сӯи Ӯст. Мулк аз аввали хилқат аз Ӯ буд, пеш аз Ӯ чизе набуд ва дар ниҳоят баъди фанои халқ низ мулк аз они Ӯ мебошад.

***Ал-Малийк:*** Маъно: Номест, ки далолат мекунад бар мулки мутлақ, пурра ва комил ва маънояш балиғтару баландмартабатар аст аз номи ***"ал-Малик"***.

Хулосаи ин 3-ном (ал-Малик, ал-Молик ва ал-Малийк): Зоте, ки мулки осмонҳову замин ва чизе, ки дар онҳост аз они Ӯст, болои Ӯ подшоҳе нест ва чизе нест, магар поин аз Ӯст, мулки комил аз Ӯст ва дар ҳамаи мавҷудот тасарруф кардан аз они Ӯст, Ӯ молики ҳамаи чиз аст ва зотест, ки бе чуну чаро ҳар коре бихоҳад анҷом медиҳад.

- Исми ***"ал-Малик"*** 5-бор, исми ***"ал-Малийк"*** 1-бор ва исми ***"ал-Молик"*** 2-бор дар Қуръон омадаанд.

**Масъала: Тафовути номҳо аз сифоти Аллоҳ таъоло**

Номҳои Аллоҳ ва сифоти Ӯ таъоло дар 2-чиз бо ҳам муштараканд, яке дар ҷоиз будани истиъоза (паноҳ ҷӯстан) ба онҳо ва дигар иҷозаи савганд ёд кардан бар онҳо. Аммо аз чанд ҷиҳат дорои тафовутҳое ҳастанд. Аввал ин ки изҳори убудият нисбат ба номҳо ҷоиз аст, мисли ***"Абдулкарим"***, ҳамчунин мухотаб ё хитобшаванда қарор додани номҳои Ӯ дуруст мебошад, мисли гуфтани ***"Ё Карим..."***. Аммо ин ду амрро, яъне изҳори убудият ва хитобшаванда қарор додани Аллоҳ дар сифатҳояш дуруст нест ё анҷом дода намешавад. Яъне наметавон гуфт, ки ***"Ё Каррамаллоҳ"*** ё номи касеро ***"Абдулкарам"*** гузошт.

Дуввумин тафовут ин аст, ки сифатҳо аз номҳо гирифта мешаванд, на номҳо аз сифатҳо. Ба унвони мисол, сифати ***"раҳмат"*** аз номи ***"Раҳмон"*** гирифта шудааст.

Тафовути севвумии байни номҳо ва сифатҳо ин аст, ки номҳо аз афъоли Ӯ гирифта намешаванд, мисол аз афъоли Аллоҳ ***"ғазаб кардан"*** аст, аммо мо

наметавонем бигӯем, ки ***"ал-Ғозиб"*** яке аз номҳои Аллоҳ аст. Аммо сифатҳояш бошанд мумкин аст, ки аз афъолаш гирифта шаванд. Мисли сифати ***"Ғазаб"***, ки мо ин сифатро барои Аллоҳ исбот мекунем, чунки ғазаб аз афъоли илоҳист, яъне сифати феълист, на сифати зотӣ. Аммо ***"Раҳмат"*** бошад, сифати зотии Аллоҳ аст ва ҳам сифати феълиро низ дар бар мегирад, зеро яке аз номҳои Аллоҳ ***"ар-Раҳим"*** аст.

**Дарсҳои тарбиявӣ аз сураи Фотиҳа.**

- Сураи Фотиҳа бар асоси ҳадиси қудсие, ки дар фазоили он зикр гардид, аз се меҳвари асосӣ ва усули куллии дини Ислом ба тартиб сухан мегӯяд:

а) Шинохти Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло, ки оятҳои 1 то 4-ро дар бар мегирад. Дар ин меҳвар, ки аввалин ҳалқа аз асосҳои куллии Ислом ба шумор меравад, инсон бо баёни ҳамду сипос дар пешгоҳи Аллоҳ такягоҳи муҳками тавҳидро ба даст мегирад. Қуръони карим бо ин оғози зебо андешаи инсонро ба сурати пурҷозибае аз шинохти рубубият, раҳмоният, раҳимият ва молики рӯзи ҷазо будан оҳиста ва беихтиёр ба пешгоҳи улуҳияти Аллоҳи мутаъол мерасонад.

б) Тавҳиди Аллоҳ таъоло, ки ояти 5-уми ин сура аст **"Парвардигоро, танҳо Туро мепарастем ва танҳо аз Ту ёрӣ меҷӯем."** Дар ин марҳала асли дигаре аз меҳварҳои асосии сура, ки шинохти улуҳияти Аллоҳ ва тақдими бандагӣ ба пешгоҳи Ӯст, ба сурати амалӣ барои инсон аҳамият пайдо мекунад. Ин асл танҳо аз як оят иборат аст.

в) Низом ва равиши зиндагӣ, ки оятҳои 6 ва 7 ин сура мебошанд. Дар ин оятҳо инсон аз Аллоҳ ҳамон ҳидоят ва роҳи ростеро мехоҳад, ки ба василаи Паёмбари акрам алайҳиссалом ва дар зимни барномаи ваҳй барои башарият ба армуғон оварда шудааст.

Асли аввалро баъзе муфассирон меҳвари тавҳид, асли дуввумро меҳвари ибодат ва асли саввумро асоси назми зиндагӣ номидаанд.

- Банда дар ин сура дар масири Аллоҳшиносӣ ва худсозӣ ва барои такомули шахсияти худ бояд амалан ин 3-марҳаларо тай намояд.

- Вақте инсон се ояти аввали сураро мехонад, бо сиғаи шахси ғоиб ба Аллоҳ муроҷиат менамояд, вале ҳамин ки ба ояти панҷум мерасад, якбора гуфтугӯи ӯ бо

Аллоҳ ба сурати ҳузурӣ ва бо сиғаи мухотаб сурат мегирад. Яъне сураи Фотиҳа инсонро оҳиста-оҳиста омода сохта, пас аз он ба нуқтаи авҷи муноҷоти илоҳӣ мерасонад. Ба ин маъно, ки вақте Аллоҳи ҳаким Парвардигори тамоми ҷаҳониён, бахшандаи комил ва молики рӯзи ҷазо бошад ва вақте тамоми ҳамду ситоиш махсуси Ӯ бошад, пас бандагӣ ва итоат низ бояд танҳо барои Ӯ анҷом бигирад ва мададу ёрӣ низ танҳо аз Ӯ хоста шавад.

- Мафҳуми куллии сура ин аст, ки роҳи рост роҳи анбиё, сиддиқон, шаҳидон ва солеҳон мебошад, ки онҳо инъомшудагони даргоҳи Аллоҳанд ва лоиқи пайравӣ карданро доранд ва ғайр аз ин роҳ дигар ҳамаи роҳҳо ба гумроҳӣ мебаранд ва пайравони ин роҳҳо гирифташудагон ба хашми Аллоҳ таъоло ва гумроҳонанд, ки аз роҳу равиши онҳо дурӣ бояд кард.

- Дурӣ кардан аз роҳи гумроҳон, чун дар ҳадисе омадааст, ки Паёмбар алайҳиссалом фармуд: ***«Ба хашми Аллоҳ афтодагон яҳуд ва гумроҳшудагон насрониён мебошанд»***. Зеро яҳуд Паёмбаронро мавриди азият қарор доданд ва ба китобҳои илоҳӣ нописандӣ карданд ва насрониён аз роҳи инҳироф ва ифрот дар асли убудияти илоҳӣ хато карданд ва фиристодаи Аллоҳро фарзанди Ӯ таъоло ва Худо номиданд. Вақте ин ду тоифа, ки аз аҳли китоб ба шумор меравнд, бо канор гузоштани барномаи дурусти ҳидояти илоҳӣ ба хашми Аллоҳ гирифтор шуданд ва ё ба гумроҳӣ афтоданд, пас гумроҳони дигар тоифаҳое, ки аслан ҳеҷ китоби осмониеро қабул надоранд, худ маълум ва ошкор аст.

- Мадад ва талаби кумак аз Аллоҳ таъоло, барои раҳоӣ ёфтан аз гирифтор шудан ба хашми Ӯ таъоло ва раҳоӣ аз гумроҳӣ.

- Қуръон, пеш аз ҳама, даъват ба тавҳид мекунад ва пас аз бинои маҷмӯаи солими тавҳид ва эътиқодӣ мардумро ба ибодати Аллоҳ фаро мехонад. Пас аз эҷоди пойгоҳи устувори маънавӣ дар ботини шахс, ки дар марҳалаи дуюм бар пояи ибодат ва бандагии Аллоҳ амалан ба вуҷуд меоварад, дар марҳалаи охир онҳоро ба сӯи барномаи дурусти зиндагонӣ дар партави таълимоти равшангар ва иршодоти нурбори худ даъват менамояд, ин маонӣ ба ҳамин тартиб дар сураи Фотиҳа омадааст ва дар боқии Қуръон идома меёбад.

- Аз сураи Фотиҳа бар меояд ки дар ойини Ислом ақида танҳо ба маънои андешаи хушк ва афкори дур аз воқеият намебошад, балки Ислом инсонро ба анҷоми корҳои зиндагии худ аз пойгоҳи ақида даъват менамояд. Ислом бо воқеиятҳои зиндагии инсон ва назму сохтори ҷомеаи башарӣ сару кор дорад.

- Бар асоси тартиббандии сураи Фотиҳа, авлавиятҳои шаръӣ аввал эҷоди таҳаввул ва созандагие дар афкори мардум ва бинои пойгоҳи устувори эътиқодие дар рӯҳу андешаи инсон, он гоҳ тазкияи амалӣ ва покизагии нафс ва парвариши рӯҳи ӯ бо ибодат ва бандагии Аллоҳ ва пас аз он татбиқи барномаҳои амалии Ислом қарор дорад.

- Вақте инсон рубубият (мураббӣ будан), раҳмат ва моликияти ҳисобро танҳо хоси Аллоҳ донист, пас ба талаботи он амал ҳам бояд намояд, то бо истифода аз банданавозӣ ба рубубият ва ба раҳмати илоҳӣ ҳисоби худро дар рӯзи ҷазо осон созад. Бар ҳамин асос, сураи Фотиҳа бо ҳамди Аллоҳи мутаъол оғоз гардида, ба мо хулуси дар бандагӣ ва ибодат, мадад хостан, ҳидоят талабидан ва ҳаракат дар роҳи рости Аллоҳро меомӯзад.

- Аллоҳ таъоло дар ибтидои сура бо номи бузургаш Аллоҳ, ки шомили тамоми номҳои накӯ ва сифоти олии Ӯ мебошад, зикр гардидааст ва дигар номҳои Ӯ, ба монанди Раб, Раҳмон, Раҳим ва Молик ба сурати сифатҳои он номи бузург омадаанд.

- Иқрор ба рубубияти мутлақи Аллоҳ бар ҷаҳониён ва ин ки пайванди миёни Аллоҳ ва бандааш бар асоси раҳму шафқат устувор гардидааст ва Ӯ молики тамоми корҳо дар рӯзи ҷазо ва пеш аз он аст, ин натиҷаи бадеҳиро ба вуҷуд меоварад, ки пас барои инсон намесазад, ки ба ҷуз Ӯ таъоло касеро бипарастад ва аз ғайри Ӯ кӯмак талабад.

- Асоси ақидаи исломиро аз ду тарафи доираи имон ду чиз, яке имон ба Аллоҳ ва дигаре имон ба рӯзи охират ташкил медиҳад ва дар ин сура бо калимаи ***“раббил-ъоламин”*** ва ***“молики явмид-дин”*** зикр шудаанд.

- Тарбия гирифтан бар асоси ибодат, хулуси ният ва пок гардонидани он барои Парвардигор, ки ибораи ***“ийёка наъбуду”*** бо пешӣ гирифтани мафъул бар феъл, яъне маъбуд бар ибодат ин маъноро мерасонад.

- Асоси барномаи зиндагониро дар ойини Ислом пайравӣ аз роҳи рост ва намунаи неке, ки дар симои Паёмбарон, сиддиқон, шаҳидон ва солеҳон таҷассум ёфтааст ва ба он сироти мустақим гуфта мешавад, ба вуҷуд меоварад ва ибораи ***“иҳдинас-сиротал-мустақим, сиротал-лазина анъамта ъалайҳим”*** ба он ишора дорад.

**Хулоса**

Сураи Фотиҳа бузургтарин сураи Қуръон буда, аз фазилат ва хусусиятҳои хосе бархӯрдор аст. Яке аз фазилатҳо ва бузургиҳои ин сура дар он аст, ки мақсадҳои асосӣ ва ҳадафҳои аслии Ислом дар он баён гардидаанд ва идомаи Қуръон шарҳу тафсири муфассали нукоти ҳамин сура мебошад. Аз ин сура фаҳмида мешавад, ки Қуръон пеш аз ҳама даъват ба тавҳидро оғоз мекунад ва баъдан башариятро ба ибодати Холиқи худ мехонад.

Аз ин сура инчунин фаҳмида мешавад, ки масъалаи ақида ва эътиқод масъалаи ночиз ва беҳуда набуда, балки сураи Фотиҳа ва умуман Қуръон инсониятро дар анҷоми корҳои зиндагии худ бар пойгоҳи ақида даъват менамояд. Бар асоси ақидаи солим ва саҳеҳ инсон метавонад корҳо ва фаъолиятҳои рӯзмарра ва касбии худро бар ибодат табдил диҳад, албатта дар сурате, ки ин фаъолиятҳо дар чорчӯби шаръӣ амалӣ карда шаванд.

Ҳамчунин бо мутолиаи ин китоб, равшан мегардад, ки аз ҳар як ояти Қуръон чандин маъно ва истинбот гирифта мешавад, ба ин маъно, ки уламо дар асоси ҷамъоварӣ аз Қуръон ва суннат ва дар асоси истинботҳои хеш, аз ҳар ояте масъалаҳо ва раҳнамудҳоеро натиҷагирӣ мекунанд, ки ин албатта ба манзалат ва аҳамияти баланди илм аз нигоҳи Қуръон ва суннат ишора дорад. Дар охир онеро гуфтанием, ки Аллоҳи базург мефармояд:

وَهُوَ ٱللَّهُ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَۖ لَهُ ٱلۡحَمۡدُ فِي ٱلۡأُولَىٰ وَٱلۡأٓخِرَةِۖ وَلَهُ ٱلۡحُكۡمُ وَإِلَيۡهِ تُرۡجَعُونَ

**"Ӯ Аллоҳ таъолост, ки ҳеҷ маъбуде бар ҳақ ҷуз Ӯ нест. Ситоиш дар дунёву охират барои Ӯст ва ҳукму фармонравоӣ низ аз они Ӯст ва ҳамагӣ ба сӯи Ӯ бозгардонида мешавед."** (Қасас, 70)

Ҳамду ситоиш он Зотеро, ки ба неъматҳояш корҳои хуб итмом меёбанд ва саллаллаҳу ала Муҳаммад ва алиҳи ва саллама таслима.

**Манбаъҳо**


1. Ағрозус сувар фи тафсир / Ибни Ошур.
2. Айсарут тафосир / Абубакр Алҷазоирӣ.
3. Китобут тавҳид фи Фиқҳи Асмоуллоҳи Ҳусно/ Муҳаммад Аттувайҷирӣ.
4. Қуръони карим.
5. Қуръон тадаббур ва амал / Ҷамъе аз уламо.
6. Мисбоҳул мунир фи таҳзиби тафсири Ибни Касир / Муборакфурӣ.
7. Мухтасар фи тафсири Қуръони карим / Ҷамъе аз олимон.
8. Сунани Абудовуд, Абудовуд Сулаймони Сайиҷистонӣ
9. Саҳеҳи Бухорӣ, Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ
10. Саҳеҳи Муслим, Абулҳусайн Муслим ибни Ҳаҷҷоҷи Нишопурӣ
11. Силсилаи Саҳеҳа, Муҳаммад Носириддин
12. Тайсир каримур Раҳмон / Абдураҳмон Носир Сиъдӣ.
13. Тарҷумаи маънии Қуръон бо забони тоҷикӣ, Хуҷаамир
14. Тафсир ал-Муяссар / Ҷамъе аз уламо.
15. Тафсири Муҳаррар лил-Қуръонил карим / Қисми илмии муассисаи Дурарус Сания (Сураи Фотиҳа).
16. Фиқҳул асмоул ҳусно / Абдурраззоқ Албадр.
17. Чакидаи паёмҳои 30-ҷузъи Қуръонӣ карим / Умар Муҳаммад Муқбил.